БОШЕД, ЭЙ АЗИЗОН, ДАР ЭҲТИРОМИ ВАҲДАТ,
ТО КИ ВАТАН БИМОНАД АНДАР МАҚОМИ ВАҲДАТ.

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*




# Фановар

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
30 июни соли 2018
№ 10-11 (86-87)

## СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ШАҲРИ КОНИБОДОМ

***27.06.2018, шаҳри Конибодом***

**Ҳамватанони азиз!**

Муҳтарам сокинони шаҳри бостонии Конибодом!

Ин лаҳзаҳо ҳамаи мо ба ифтихори ҷашни Ваҳдати миллӣ - яке аз дастовардҳои бузурги мардуми шарифи Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳам омадаем.

Бинобар ин, ба хурду бузурги кишвар, ҳамватанони бурунмарзиамон ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ ин санаи таърихиро самимона табрик мегӯям.

Бисту як сол қабл, яъне 27 июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат марҳалаи нав оғоз гардид.

Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта, вақте ки Тоҷикистон акнун ба истиқлолият расида буд ва мардуми мо нахустин пояҳои бинои давлатдории муосири худро мегузоштанд, бадхоҳону хоинони миллати тоҷик кишвари моро ба низоъи дохилӣ, муқовимати сиёсӣ ва мухолифати мусаллаҳона гирифтор карда, дар як муддати кӯтоҳ Тоҷикистони тозаистиқлолро ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашиданд.

Борҳо гуфтаам ва бори дигар таъкид месозам, ки душманони миллати тоҷик бо дасти хоинону зархаридорони худ нақшаи ба сари мардуми мо таҳмил кардани фарҳангу мазҳаби бегона ва дар Тоҷикистон бунёд кардани давлати исломиро доштанд.

Бадхоҳони миллати мо мехостанд бо ҳидояту раҳнамоӣ ва маблағгузории хоҷагони хориҷии худ сохти конститутсионии давлатро тағйир диҳанд.

Дар он рӯзҳо Конститутсия ва қонунҳои мамлакат зери по шуда буданд ва ҳеҷ кас ба шаҳрвандон кафолати зинда монданро дода наметавонист.

Ҷанги даҳшатноки таҳмилӣ, ки қариб панҷ сол идома ёфт, боиси ба ҳалокат расидани беш аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандони мо, гуреза шудани зиёда аз як миллион нафар ҳамватанонамон ва харобу валангор шудани даҳҳо ҳазор манзили зист, мактабу беморхона ва дигар муассисаҳои иҷтимоиву иншооти ҳаётан муҳим гардид.

Бефарзанду бесаробон мондани даҳҳо ҳазор нафар модарону занон ва ятим шудани даҳҳо ҳазор кӯдакон зарбаи даҳшатноку ҷуброннопазири он фоҷиаи ба сари мардуми мо омада буд.

Дар он айёми фоҷиабор афроди воқеан дурандешу ватандӯсти миллат амиқ дарк карда буданд, ки роҳи ягонаи наҷот аз хатари ба сари халқи тоҷик омада қатъи ҳарҷи зудтари хунрезӣ ва таъмини сулҳ тавассути созишу ҳамдигарбахшӣ буд.

Он рӯзҳо тамоми мардуми кишвар, аз хурд то бузург, танҳо ҳамин орзуро доштанд.

Маҳз бо талабу дархост ва майлу иродаи мардуми кишвар ва танҳо ба хотири аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест нашудани давлати соҳибистиқлоламон ва пароканда нагардидани миллатамон мо бо Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин музокиротро оғоз кардем.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳои тӯлонӣ, ки дар гӯшаву канори гуногуни олам зиёда аз чил моҳ идома ёфтанд, мо чил санади барои миллат муҳимро ба имзо расонидем.

Ниҳоят, баъд аз мухолифати мусаллаҳонаи зиёда аз панҷсола Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

***(Давомаш дар саҳ. 2)***

## ОҒОЗИ АМАЛИШАВИИ ОРЗУҲО

### Таманниёти ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур дар рӯзи хатми донишҷӯёни донишгоҳ



**Ҳозирини гиромӣ, хатмкунандагони азизи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон!**

Аввалан, ҳамаи шумоёнро аз номи худ ва коллективи донишгоҳ бо хатми бомуваффақияти донишгоҳ табрику таҳният гуфта бароятон тансиҳатӣ, хушбахтӣ, амалӣ гардидани орзуҳои нек ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам.

Хатмкунандагони азиз, шумоён хушбахттарин насли ҷавони даврони соҳибистиқлолии кишвар ҳастед, ки дар муҳити осудаю ободи Тоҷикистони азиз таҳсил намуда, дар оянда баҳри рушди иқтисоди кишвар саҳмгузор хоҳед шуд. Ин беасос нест, зеро Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти соҳибтахассусии мутахассисони ҷавон борҳо таъкид намуда рушдиояндаи ватани маҳбубамонро дар саҳм ва сатҳи дониши шумоён ҷавонони азиз мебинанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ, имрӯзҳо таҳдидҳои гуногун аз қабили терроризм ва экстремизм, бегонапарастӣ, бозиҳои геополитикии абарқудратҳо ба давлатҳои рушдкунанда, аз ҷумла ба истиқлолияти давлати ҷавони мо бетаъсир намемонад. Аз ин лиҳоз, вазифаи ҳар яки мо имрӯзҳо устувор будан дар ҳифзи дастовардҳои бузурги миллат - Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ мебошад. Ҳар яки мо бояд зиракии сиёсиро аз даст надода баҳри ободию сарсабзии Ватан, ки номаш Тоҷикистон аст, аз ҳарвақта дида саъю кӯшиши бештар намоем.

Хатмкунандагони азиз, чор сол пеш шумоён хато накардед, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намудед, зеро оғози амалишавии орзуҳои шумо ва заминаи боэътимодиояндаи дурахшон ин интихоби дурусти касб ва донишгоҳ аст. Дар тӯли ин чор сол раёсати донишгоҳ, ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони идораю шуъбаҳо, кормандони ёрирасону хоҷагидорӣ саъй намуданд, ки баҳри таълиму тарбия ва соҳибмаълумоту соҳибкасб гардидани шумо шароити мусоид фароҳам биёранд. Зеро хуб медонистанд, ки шумо низ чун хатмкардагони зиёди солҳои пешин, ки алҳол дар вазифаҳои масъулиятноки давлатӣ, аз ҷумла ба ҳайси вазир, муовинони вазир, кормандони бонкҳо, роҳбарони корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ кору фаъолият намуда истодаанд, саҳми худро дарояндаи наздик баҳри рушди иқтисоди кишвар, ободиву шукуфоии он хоҳед гузошт.

Хатмкунандагони азиз, табиист, ки инсон ҳама вақт бо орзу ва ҳавасҳои зиёд зиндагӣ мекунад. Бояд гуфт, ки орзу намудан ҳанӯз нисфи кор аст. Барои амалӣ гардонидани орзу кӯшишу ғайрат мебояд. Шумо ки имрӯз донишгоҳро хатм намудед ва дар оғози роҳи зиндагии мустақилона қарор доред, бояд кӯшиш намоед, ки он илму донишеро, ки тӯли чор сол аз устодони варзидаи донишгоҳ гирифтед, дар соҳаҳои гуногуни саноат ва истеҳсолот, соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт татбиқ намуда дар рушди босуботи иқтисодиёти ватани азизамон саҳмгузор бошед. Имрӯз миёни шумо кам нестанд хатмкунандагоне, ки таҳсили худро дар зинаи дуюми таҳсилот, яъне дар магистратураи донишгоҳ идома дода соҳиби унвони магистр мегарданд.

Хатмкунандагони азиз, шумоён дар тӯли чор соли таҳсил дар донишгоҳ фаъолияти баланди ширкат дар чорабиниҳои сиёсӣ, варзишӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ нишон дода, обрӯю нуфузи Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар сатҳи ҷумҳурӣ баланд намудед. Миёни шумо имрӯз варзишгароне низ ҳастанд, ки обрӯю эътибори Тоҷикистонро дар сатҳи ҷаҳонӣ баланд бардоштаанд. Аз ин рӯ, миннатдории худ ва раёсати донишгоҳро ба ҳамаи шумо иброз менамоям.

Ҳозирини гиромӣ, хатмкунанадагони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бори дигар аз номи раёсат, коллективи кормандону омӯзгорон ва донишҷӯёни курсҳои поёнӣ тамоми хатмкунанадагони соли 2018, волидайн ва хешу ақрабои онҳоро, ки имрӯз баҳри табрики фарзандон ба донишгоҳ ташриф овардаанд, бо хатми бомуваффақияти донишгоҳи азиз табрику таҳният гуфта, барояшон пеш аз ҳама сиҳатию саломатӣ, сарбаландию хонаободӣ ва осмони софу беғубори Ватани азиз - Тоҷикистони соҳибистиқлолро таманно менамоям.

Бигузор, ҳамеша муваффақу дар сафи пеши зиёиёни ватан бошед!

Дар шоҳроҳи зиндагӣ ба Шумо хатмкунандагони азиз роҳи сафед орзу мекунам!

## РӮЗИ СУПОРИДАНИ ДИПЛОМҲО

**Санаи 30-юми июни соли 2018 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки хатмкунандагони донишгоҳ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**

Ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур хатмкунандагонро барои бомуваффақият хатм намудани донишгоҳ табрик намуда, дар фаъолияти минбаъдаашон комёбиҳо таманно намуд ва таъкид кард, ки ба қадри касбе, ки сазовор гардидаанд, бирасанд, софдилона меҳнат намуда дар пешрафти иқтисодиёт ва рушду нумуи кишвари азизамон саҳмгузор бошанд.

Баъдан ба як гурӯҳ хатмкунандагони фаъоли донишгоҳ сипоснома ва ифтихорномаҳо супорида шуданд.

Инчунин ба 31-нафар хатмкунандагон дипломҳои аъло супорида шуданд.

Хатмкунандагон Ғаёсова Соно ва Ғайбулоева Ҳилола баромад карда, миннатдории худро ба роҳбарият ва ҳайати устодону профессорони донишгоҳ баён намуданд.

Сипас, ансамбли "Зуҳал"-и донишгоҳ бо барномаи хуби консертиашон хотири аҳли толорро шод гардониданд.

***Н. Гулбекова, мудири шуъбаи тарғиботӣ-фарҳангӣ***



# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ШАҲРИ КОНИБОДОМ

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Аз ин рӯ, санаи 27-уми июни соли 1997 дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистон ҳамчун рӯзи тантанаи оромиву ҳадафҳои наҷиби халқи тоҷик дар роҳи душвори барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ ва амалӣ намудани қарорҳои Иҷлосияи таърихии ХУІ - уми Шӯрои Олӣ ба ҳисоб меравад.

Бори дигар бо қатъият иброз медорам, ки агар дар натиҷаи фитнаву дассисаи ангехтаи бадхоҳону душманон давлати тоҷикон аз байн мерафт ва миллати тоҷик пароканда мегардид, наслҳои оянда ҳаргиз моро намебахшиданд.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро рӯзи 27-уми июни соли 1997 бо Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик имзо кард.

Мо ҳеҷ вақт бо ҳизби терроristиву экстремистии наҳзат ягон ҳуҷҷат имзо накардаем. Ин нуктаи муҳимро тамоми мардуми тоҷик бояд донанд.

Баъди имзои созишномаи сулҳ мо қариб як миллион нафар ҳамватанони гуреза ва дур аз Ватан мондаамонро ба маҳалли зист ва хонаву манзилашон баргардонидем, онҳоро бо маводи ғизоӣ ва шароити аввалияи зиндагиву рӯзгор таъмин кардем ва ба корҳои барқарорсозии харобиҳои баъдиҷангӣ огоҳ намудем.

Фаъолияти зиёда аз даҳсолаи Ҳукумати мамлакат ба барқарорсозии шохаҳои фалаҷшудаи ҳокимият ва сохтору мақомоти давлатӣ, таъмин намудани сохти конститутсионӣ, қонуният ва тартибот ва амният, маҳалҳои зист ва иншооти сӯхтаву валангоршуда равона гардид.

Баробари барқарор гардидани сулҳу субот дар ҷомеа мо имконият пайдо кардем, ки тарҳрезиву татбиқи барномаву нақшаҳои муҳимтарини иқтисодиву иҷтимоиро бо мақсади таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ва ҳифзи амнияти озуқаворин мамлакат огоҳ карда, ҷорабиниҳои муҳимми сиёсиву фарҳангиро дар фазои озоду демократӣ баргузор намоем.

Таҷрибаи дар фосилаи кӯтоҳи таърихӣ хомӯш кардани алангаи фоҷиабори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ минбаъд аҳаммияти байналмилалӣ касб карда, таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз ҷониби созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

Ман дар суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоям ва имрӯз низ бо эътимоди комил иброз медорам, ки "сулҳи тоҷикон таҷассуми олии майлу иродаи мардуми сулҳпарвари мо, яъне хизмати таърихии халқи қаҳрамони тоҷик мебошад".

Аз ин лиҳоз, ба наслҳои наврас ва ҷавонон ҳамчун сабақи ибратомӯз фаҳмонидани моҳият ва арзиши сулҳу оромӣ, субботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Дар баробари ин, ҳар яки мо, яъне насле, ки ҳамаи даҳшату маҳрумиятҳои он айёми пурфоҷиаро аз сар гузаронидаем, бояд тамоми донишу таҷриба ва саъю талоши худро барои таҳкими сулҳу субот ва устувории пояҳои давлатдории миллиамон сафарбар намоем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имсол ҷашни Ваҳдати миллӣ дар шаҳри бостонии Конибодом баргузор мегардад.

Конибодом ҳамчун яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷикон дар пос доштани анъанаву суннатҳои пурғановати халқи тоҷик нақши намоён дошта, ба сифати шаҳри ҳунармандону тоҷирон, олимону адибон ва зиёёну санъаткорон шуҳратёр мебошад.

Дар тӯли садсолаҳои зиёд Канди бостонӣ дар масири Роҳи бузурги абрешим қарор дошт.

Чунонки дар яке аз вохӯриҳои худ бо мардуми ин шаҳри бостонӣ изҳор дошта будам, Конибодом бо табиати зебову обу хоки зархез ва мевазои шаҳдбори худ яке аз гӯшаҳои дилпазири кишвари азизамон ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат доир ба таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла шаҳри Конибодом қисми даромади буҷети шаҳр аз 600 ҳазор сомонии соли 1997 қариб ба 60 миллион сомонӣ дар соли 2017 расидааст.

Яъне дар бист соли охир ҳаҷми он сад баробар афзудааст, ки ин рақам гувоҳи равшани пешрафти босуръати шаҳри Конибодом дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 1997-ум 8 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас ин рақам соли 2017 ба 194 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки ин нишондиҳанда низ далели возеҳи тараққиёти устувору босуръати соҳаи саноати шаҳри Конибодом мебошад.

Ҳоло мувофиқи Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Конибодом барои солҳои 2016-2020 дар қаламрави шаҳру деҳоти Конибодом татбиқи 48 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 780 миллион сомонӣ идома дорад.

Бо оби нӯшокии босифат таъмин намудани аҳолӣ, ки то имрӯз дар шаҳри Конибодом яке аз мушкилоти асосӣ ба шумор мерафт, бо дастгирии Ҳукумати мамлакат тавассути таҷдиду азнавсозии шабакаи обрасонӣ ба масофаи дувоздаҳуним километр ва бунёди инфрасохтори зарурии захираву интиқоли об бо сарфи беш аз 40 миллион сомонӣ ҳаллу фасл карда шуд.

Мо имрӯз ин иншоотро низ ба истифода супоридем.

Деҳқонони асили шаҳри Конибодом дар парвариши меваю сабзавот, ташкили гармхонаҳо, ниҳолпарвариву боғдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҷрибаву шуҳрати зиёд доранд.

Соли гузашта кишоварзони шаҳр ба маблағи 353 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, дар таъмини бозори истеъмолии кишвар саҳми арзанда гузоштанд.

Мо имрӯз якчанд иншооту биноҳои таъиноти гуногун, аз ҷумла муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ва Парчами давлатиро дар майдони марказии шаҳр, мактаби таҳсилоти умумии рақами 29 барои 1200 нафар хонанда, иншооти хизматрасонӣ дар деҳоти ба номи Эргаш Шарифов, роҳи Конибодом - Патар ва КИМ-Исфара-Гулистонро баъди таҷдиду азнавсозӣ ба масофаи 20 километр ва ба маблағи умумии зиёда аз 120 миллион сомонӣ мавриди баҳрабардории сокинон қарор додем.

Дар иртибот ба ин, ба мутахассисону сохтмончиён, шарикони рушд ва ҳамаи онҳое, ки барои дар муҳлати муайяншуда ва бо сифати баланд анҷом додани сохтмони иншооти имрӯза заҳмат кашидаанд, миннатдорӣ баён менамоям.

Имрӯзҳо татбиқи яке аз лоиҳаҳои бузурги коммуникатсионии мамлакат - таҷдиди шоҳроҳи Хуҷанд - Конибодом - Исфара босуръат идома дорад.

Тавре дар Паёми соли гузаштаи худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намудам, корҳои лоиҳакашиву омӯзиши таҷдиду азнавсозии қитъаи Хуҷанд - Конибодоми роҳи Хуҷанд - Исфара ба масофаи 130 километр идома доранд ва мо тасмим дорем, ки вақтҳои наздик сохтмони ин қитъаро низ оғоз намоем.

Қобили зикр аст, ки соли гузашта аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Конибодом, соҳибкорони саховатманд ва аҳолӣ 160 километр ва дар чор моҳи соли равон 20 километр роҳҳои дохили шаҳр ва деҳот таъмиру азнавсозӣ карда шудаанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Солҳои охир бо мақсади баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандорӣ ва дар рӯҳияи инсондӯстӣ тарбия намудани насли наврас ва ҷавонон, таваҷҷуҳи ҳарчи бештар ба оммавигардонии варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар бунёди марказҳои истироҳату фароғат ва майдону толорҳои варзишӣ барои наврасону ҷавонон тораф вусъат гирифта истодааст.

Варзишгоҳи маркази "Ҷавонӣ" дар шаҳри Конибодом бо зиёда аз 10 ҳазор ҷойи нишаст, ки имрӯз ба истифода супорида шуд ва ҷашни Ваҳдати миллӣ дар он баргузор гардида истодааст, аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Ҳоло дар шаҳри Конибодом вобаста ба "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" бунёди инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ дар онҳо ва андешидани чораҳо дар самти инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ босуръат идома дорад.

Дар қаламрави шаҳри Конибодом ёдгориҳои зиёди таърихӣ мавҷуданд, ки имрӯз макони боздиди сайёҳону меҳмонон буда, ҳамзамон бо ин, ба густариши ҳунарҳои миллӣ дар ин гӯшаи диёрамон мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, ҳоло ду гузаргоҳи байнидавлатӣ миёни Тоҷикистон Ӯзбекистон амал мекунад ва ин имконият медиҳад, ки сокинони шаҳри Конибодом додугирифту ҳамкорӣ ва робитаҳои неки дӯстиву ҳамсоягиро бо халқҳои бародари Ӯзбекистону Қирғизистон боз ҳам тақвият бахшанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки мо дар роҳи эъмори он бо қадамҳои устувор пеш рафта истодаем, далели равшану возеҳи тантанаи сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқи азизамон ба шумор меравад.

Ин дастоварди нодир ҳоло ба сифати ҷузъи таркибии ҳаёти мардуми мо дар пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон нақши бузург дошта, моро вазифадор месозад, ки барои ҳифзу гиромидошти он бештар кӯшиш намоем.

Зеро мураккаб шудани вазъи геосиёсии минтақаву ҷаҳон ва осебпазир гардидани истиқлолияту озодии давлатҳои миллӣ масъалаи зиракиву ҳушёрии сиёсии шаҳрвандони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ҳифзи давлату давлатдориро тораф мубраму муҳим мегардонад.

Дар чунин шароит мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки мардуми кишвар, аз ҷумла ҷавонон ба қадри неъмати бузурги истиқлолияту озодӣ расанд, ваҳдати миллиро ҳамчун самараи давроони соҳибистиқлолӣ гиромӣ доранд ва барои ҳифзи ин дастовардҳои таърихӣ ҳамеша омода бошанд.

Чунки дар ҷаҳони ноорому пурҳаводиси муосир ваҳдати миллӣ ва суботу оромӣ барои мардуми мо омили бунёдии дастовардҳои навин, татбиқи нақшаҳои стратегӣ, кафили бозътимоди амнияти давлат ва ҷомеа, зербинои иқтисодиёту иҷтимоиёт ва шарти асосии пешрафту ободии кишвари азизамон мебошад.

Барои ноил шудан ба рӯзгори босаодати мардум ва иҷрои нақшаҳои муҳимми пешрафти кишвари маҳбубамон ҳамаи мо, яъне хурду бузурги Тоҷикистон вазифадорем, ки дастовардҳои бузурги таърихиамон - истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллиро гиромӣ дорем, онҳоро ҳифз намоем, ояндабину дурандеш бошем ва Ватани муқаддасамонро ба мисли модари азизи худ дӯст дорем.

Се сол баъд, яъне 9-уми сентябри соли 2021 Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо сисола мешавад.

Ба хотири истиқболи шоиставу арзандаи ин ҷашни муборак муқаддас чанде пештар дар ҷаласаи Ҳукумати мамлакат қарор қабул карда шуд, ки бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳо дар тамоми қаламрави кишвар - аз маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо то деҳаву маҳалҳои аҳолинишин корҳои ободониву бунёдкорона вусъат бахшида шаванд.

Дар ин кори хайр бояд ҳамаи мардуми кишвар - аз аъзои Ҳукумат сар карда, то раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, фаъолону зиёиён, соҳибкорону тоҷирон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ходимони дин ва ҳар фарди худогоҳу ватандӯст баъд саҳм гузоранд.

Дар давоми се соли дарпешистода зарур аст, ки дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишини мамлакат бунёду таъмири муассисаҳои таълимӣ, марказҳои саломатӣ ва таваллудхона барои 10-15 кат, бунгоҳҳои тиббӣ, ҳаммом, пулҳо ва роҳҳои дохилӣ, ташкили корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, дӯзандагиву ресандагӣ, косибӣ ва дар маҷмӯъ, рушди ҳунарҳои мардумӣ вусъат дода шавад.

Итминони комил дорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони бонангу номус ва сарбаланди шаҳри Конибодом минбаъд низ ба хотири созандагии Ватан, баланд таҷкими ваҳдату ҳамбастагӣ ва рушди босуботи кишвари азизамон саъю талош мекунанд ва дар ин ҷода низ намунаи ватандӯстиву ободгарӣ нишон медиҳанд.

Дар ин лаҳзаҳои идона бори дигар кулли мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ, сокинони заҳматдӯсту соҳибмаърифати вилояти Суғд, шаҳри Конибодом ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромиро ба ифтихори ҷашни Ваҳдати миллӣ табрик гуфта, орзу менамоям, ки дар сарзамини куҳанбунёди мо сулҳу ваҳдат, суботу оромӣ, файзу баракат ва хушбахтиву осудаҳолӣ то абад поянда бошад.

Бигзор, Тоҷикистони азизи мо то ҷовидон маъвои сулҳу оромӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва пешрафту ободӣ бошад!

Ҳамеша саломату саодатманд бошед, ҳамватанони азиз!

## Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷавонон ва таълиму тарбия

Итминони комил дорем, ки бо захираи бузурги зеҳнии ҷомеаи худ, ки қисмати асосии онро муаллимону устодон ба зиёёни соҳаи маориф ташкил медиҳанд, мо аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии хеш мебароем ва барои ояндаи Ватану миллатамон насли сазовору арзанда, дорои дониши замонавӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ватандӯсту худогоҳ ва ворисону созандагони фардои дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлолро тарбия карда, ба воя мерасонем

* * *

На танҳо падару модар, балки роҳбарони таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, омӯзгорон, ҷомеа ва давлат вазифадор мебошанд, ки ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус диҳанд. Зеро тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён нақши муҳим мебозанд.

* * *

Моро лозим аст, ки масъалаи тайёр намудани кадрҳоро, пеш аз ҳама, дар дохили кишвар дуруст ба роҳ монем. Кӯшиш намоем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат мутахассисони ба рақобати бозори меҳнат тобоварро тарбия кунем.

* * *

Асри XXI даврони рушди илму технология буда, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, азхуд кардан ва дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ ҷорӣ намудани навигариҳои илму техника ва технологияҳои муосир, ташаккули неруи солиму созандаи ҷомеа шарти асосии рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар мебошанд.

* * *

Ҷавононни босаводу соҳибмаърифат ва аз ҷиҳати маънавию ҷисмонӣ солимро тарбия кардан вазифаи боифтихор аст.

* * *

Ташаккул додан ва истифодаи босамари неруи инсонӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ, аз ҷумла таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ниҳоят, дастёбӣ ба сатҳу сифати шоистаи зиндагӣ барои сокинон аз қабили масъалаҳои авалиндараҷае мебошанд, ки ҷиҳати иҷрои онҳо бояд тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа якҷоя ва аҳлона азму талош намоянд.

*(Давомаш дар саҳ. 5)*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - РАМЗИ ПИРӮЗИВУ ХУШБАХТӢ

**Ваҳдати миллӣ ҳамчун рамзи пирӯзиву хушбахтӣ ба мардуми тоҷик нерӯву тавоноии нав бахшид, дар дили ҳар як сокини кишвар шуълаи умедро ба фардои ободу осуда фурӯзон намуд ва қалбҳои хурду бузурги мамлакатро пур аз шодиву фараҳ гардонид.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият таъмину таҳкими сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон мебошад. Рӯзи 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳамчун санади сарнавиштсоз барои пешрафти ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, таъмину таҳкими истиқлолияту ваҳдати миллӣ, афзудани нуфузу эътибори ҷаҳонии Тоҷикистон мусоидат кард. Ваҳдат рамзи воқеӣ ва ҳамбастагии тамоми мардумони дунё буда, барои рушду инкишоф ва пешрафти оламиён дарси садоқату ибрат ва ваҳдатофарӣ мебошад.

Барои хуб дарк намудани муҳимияти ин сана, то чӣ андоза сарнавиштсозу муқаддас будани онро эҳсос кардан, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ба даст овардани ин неъмати бебаҳо муайян намудан барои мо кифоя аст, ки ба мисраъҳои шеърии шоири ватандӯсти тоҷик Лоиқ Шералӣ рӯ биорем. Албатта, таъкид кардан лозим аст, ки адабиёти тоҷик аз тараннуми сулҳу ваҳдат бой аст. Вале, ба андешаи ман дарди ин миллатро чун Лоиқ касе насурудааст. Бадастовардани ваҳдатро шоири зиндаёд як нури илоҳӣ мепиндорад, ки бар диёри тоҷикон омадааст:

**Раҳми парвардигори**
**мо омад,**
**Нури ҳақ бар диёри мо омад.**

Воқеан баъд аз харобкориҳои ҷанг, бераҳмию бародаркушиҳо ба дастовардани сулҳро бояд муъҷиза ном кард. Ин муъҷизаест, ки на ба ҳар миллату давлат муяссар гардидааст. Таърих гувоҳ аст, ки аз харитаи ҷаҳон даҳҳо давлатҳо дар натиҷаи чунин нооромиҳо аз байн рафтаанд. Далели дигар нооромиҳои зиёда аз чилсолаи кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аст, ки омадани сулҳро дар ин кишвар на танҳо мардуми афғон, балки қариб нисфи ҷомеаи ҷаҳон орзу мекунад. Зеро, ҷанги бунёдсӯз дар ин сарзамин харобиҳои зиёд овард ва ҳатто таъсири манфии худро ба дигар мамлакатҳои дунё расонида истодааст. Аз ин рӯ, Лоиқ Шералӣ омадани сулҳи бунёдкорро дар сарзамини тоҷикон моҳирона ба риштаи назм кашидааст.

**Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,**
**Сулҳи бунёдкори мо омад.**

Устод Лоиқ бо истифодаи моҳиронаи калимаи "бунёдкор" тавониста ҷавҳари асосии сулҳу ваҳдатро нишон диҳад. Ба ҳамаи мо аён аст, ки баъд аз ба даст овардани сулҳ дар сарзамини тоҷикон бунёдкорию пешравиҳои беназир саросари мамлакати моро фаро гирифтанд. Натиҷаи сулҳ бунёдкорию ободӣ будани онро устод Лоиқ санҷидаю дониста баён намудаанд, ки мо гувоҳи ин ҳақиқати шеъри устодем. Имрӯз шаҳри сулҳ - Душанберо яке аз пойтахтҳои зеботарини дунё гӯем ҳам дуруст аст, ки натиҷаи бунёдкориҳо фазои орому осоишта аст.

То ба даст овардани сулҳ миллати тоҷик сангинтарин рӯзҳоро паси сар кард, ки зи лавҳи хотир норафтанист. Гуруснагӣ мардумро сахт ба танг меовард, мардум барои пайдо кардани як пора нон дар назди дуконҳо субҳро шом мекарданд. Модарони тоҷик аз ин алам, ки фарзандони онҳо гуруснаю хоранд ҷавонии худро бармаҳал ба пирӣ иваз карданд. Шоири зиндаёд Лоиқ ҳамаи инро дар даврони нооромиҳо дида, баъд аз ба даст овардани сулҳ мегӯяд:

**Кӯю барзан пур аз гадоён буд,**
**Фурсати шоҳкори мо омад.**

Воқеан, дар шароити кунунӣ дастурхони миллати мо ҳамеша пур аз нозу неъмат аст. Хонае нест, ки хӯрокаю пӯшока дар он нокифоя бошад. Дар кишвари соҳибистиқлоламон имрӯз ҳама дорои шароити хуби зиндагӣ аст. Ваҳдати миллӣ ба шаҳрвандони мо имконият дод, ки бо касбу кори дӯстдоштаи худ машғул гардида, зиндагиашонро пеш баранд. Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат имкон фароҳам овард, ки ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озодона дар доираи қонун дошта, баҳри фардои боз ҳам дурахшони худ талош варзад.

Кулли шаҳрвандони миллати тоҷикро месазад, ки қиммати ваҳдатро бидонанд ва барои ба дастовардани ин неъмати бебаҳо шукргузорӣ кунанд. Ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст, ки пайваста таъкид мекунанд: "Мо бояд шукрона кунем, ки ҳаминхел сарзамин дорем, ҳаминхел давлати обод дорем". Тавре аз ашъори устод Лоиқ бармеояд, ҷанг ин як девонагист. Мо бояд шукргузор бошем, ки аз ин девонагиҳо раҳоӣ ёфтем.

**Ҷанги девонавори мо бигзашт,**
**Сулҳи деринтизори мо омад.**

***Абдумуминзода Ситора,***
***мудири китобхонаи ДТТ***

# БАХТ БОШАД ҶОВИДОНА ЁРИ МО



21-умин солгарди Рӯзи ваҳдати миллиро мардуми кишвар ботантана ҷашн гирифтанд. Ба андешаи ман бо дарназардошти муҳимияти ваҳдати миллӣ ҳар як шахси ватандӯст, ки барояш сулҳу салоҳ азизу муқаддас ба худ савол медиҳад, ки ин санаи тақдирсоз ба миллати мо чӣ дод?

Албатта, ҷавоби ин суол аз ҷониби ҳар шаҳрванди ватандӯст чунин аст: Ваҳдат барои тоҷикистониён ягонагию якпорчагӣ, якдилию ҳамраъйӣ, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ, ташаккули шуури миллӣ;

ифтихори миллӣ, ҳувият ва арзишҳои миллӣ, осоиши миллат ва кишвар;

баланд бардоштани нуфузи мамлакат дар сатҳи ҷаҳонӣ;

бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси равандҳои демократӣ;

ба даст овардани итминони ҷомеаи байналмилалӣ бо суботи ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар;

таълими пешрафти созандагӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, кафолати зиндагии шоиставу шарафмандона ба ҳар як сокини кишвар ва ғайраҳо мебошад.

Воқеан ҳам ваҳдати беназиру дилпазире, ки 21 сол қабл аз ин бо ибтикору талошҳои ҷоннисоронаву ватанпарварона ва башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба даст омад, ба халқи бостониву адолатгарои тоҷик умри дубора бахшид.



**То Ватан якто бувад якҷо шудем,**
**Якдилу якҷову якмаъво шудем.**
**Гирди хони орзу ҷамъ омадем,**
**Бо дигар пайваста маҳкам мо шудем.**
**Қатрасон аз чашмаҳо мерехтем,**
**Мо кӯчакҷӯй не! -Дарё шудем.**
**Дар каломи шоири бедордил,**
**Раҳ ба раҳ чун шеъри нав иншо шудем.**
**Бо ту мо эй Тоҷикистони азиз,**
**Миллати арзандаи дунё шудем.**

Аслан, ваҳдат сулҳу осоиштагӣ, оромӣ, хушбахтӣ ва озодии ҳар як халқу миллатро инъикос менамояд. Халқи тоҷик дар таърихи худ бисёр бесарусомониҳо ва нооромиҳоро аз сар гузаронидааст. Бузургтарин омили давлатсозии тоҷику тоҷикистониён бузургдошти мақоми волои субот ва ҳамзистии осоиштаи халқҳои Тоҷикистони азиз зимни маҳфуми ваҳдати миллӣ ба ҳам омадааст. Бигзор сулҳ бошад ҷовидона ёри мо!.

***М. Тиллоева, корманди ТВ «Маърифат»***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПОЯИ ХУШБАХТИИ ҲАР ЯК ШАҲРВАНДИ ТОҶИК

"То даме, ки силоҳро нагузорему сулҳу оромиро дар сарзамини худ барқарор насозем ва ба меҳнати созанда шурӯъ накунем, ҳеҷ гуна кӯмаку мусоидати кишварҳои дигар вазъияти моро беҳтар карда наметавонад ва то охирин гурезаҳоро ба ватан барнагардонам худро орому осуда ҳис карда наметавонам. Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва дар ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, баҳри гулгулшукуфии Ватани азизамон садоқатмандона меҳнат мекунам".

Чунин суханони пурмуҳтаво, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 аз ҷониби Президенти кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон садо доданд, воқеан ҳам самимӣ буда, татбиқи амалии худро ёфтанд.

Баъдан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон комиссияи ҳукуматӣ ташкил карда, ба давлати Афғонистон рафта барои баргардонидани гурезаҳо суҳбату вохӯриҳо гузарониданд.

Дар ҳақиқат таърих гувоҳ аст, ки ин суханон амалӣ гардонида шуданд. Барои баргардонидани гурезаҳои тоҷик аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Эмомалӣ Раҳмон ҷони худро борҳо дар хатар гузошта, ҳамватанонамонро бовар мекунонд, ки ба ватан баргарданд, ватан обод гардида истодааст ва кафолати ҷони ҳар яки онҳоро медод. Дар ҳамон давра касе аз зинда мондан ва ба чунин комёбиҳо расиданро тасаввур намекард.

Соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати конститутсионӣ барқарор карда шуд ва фарзанди баруманди миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари давлат интихоб шуд.

Маҳз бо ҷаҳду талошҳои Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусолиҳаи миллӣ ва гуфтушуниди байни тоҷикон шурӯъ шуд. Чандин даври музокирот ва гуфтушунид байни намояндагони давлат ва мухолифини тоҷик дар шаҳрҳои Теҳрон, Ашқобод, Алмаато ва ғайра баргузор шуданд. Дар охир 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ имзо гардид. Заҳматҳои шабонарӯзии Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳ ва эҳёи ваҳдати миллӣ шоистаи таҳсину қадрдонист. Маҳз сиёсати оқилонаю дурандешона, қатъият, садоқат ва сулҳхоҳии ӯ боис шуд, ки моҷароҷӯӣ ва нофаҳмиҳо дар кишварамон хомӯш гардида, суботу амният ва сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ таъмин шавад.

Саҳми Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои бо мо ҳамсоя, барои ба даст овардани ваҳдати мо тоҷикон назаррас аст. Дар Тоҷикистони маҳбуби мо рӯзи 27-уми июн ҳамасола ҳамчун рӯзи Ваҳдати миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва якдилии мардуми тоҷик ҷашн гирифта мешавад. Мо тоҷикон бояд ба қадри ваҳдати миллӣ бирасем, онро эҳтиром кунем, аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳо муҳофизат намоем.

Давлати соҳибистиқлоли мо бо шарофати ваҳдати миллии ба дастоварда, ҳамасола барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат, истиқлолияти энергетикӣ, раҳои ёфтан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ зина ба зина амалӣ рӯ ба тараққӣ ниҳода истодааст.

Мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки бо кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва дастгирии мардуми меҳнатдӯсти кишварамон тамоми мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ бартараф шуда, зиндагии босаодати халқи азизамон таъмин хоҳад гардид.

Имрӯз таҳким бахшидан ба Ваҳдати миллӣ рисолати шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар тоҷик ва тоҷикистонӣ бояд бошад.

***Қ. Кабутов, муовини декани факултети технологияҳои иттилоотии соҳавӣ оид ба илм ва инноватсия,***
***З. Давлатова, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-54010105***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - БУЗУРГТАРИН ДАСТОВАРД

**Халқи тоҷик сулҳу ҳамдигарфаҳмиро ба ивази азияту заҳмати сахту сангин ва муҳимтар аз ҳама, ба баҳои ҷони даҳҳо ҳазор қурбониёни ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст овард ва имрӯз шукргузор аст, ки дар фазои неъмати бузурги суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа кору зиндагӣ дорад.**

**Бинобар ин, мо вазифадорем, ки ба хотири тарбияи насли наврас ва ҷавонони имрӯза дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳхоҳӣ ва ободкориву созандагӣ, инчунин барои наслҳои ояндаи халқамон ба мерос гузоштани ин дастоварди муқаддасу нодир фарҳанги сулҳро ҳамчун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум густариш бахшем.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

27 июни соли 1997 ба саҳифаи таърих ҳамчун замони нави ташаккулёбии давлатдории Тоҷикистон ворид гашт. Ин иди фархунда тимсоли сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва осоиш дар ҷамъиятамон, боиси эҳёи маънавию иқтисодии кишвар, масъулияти умумии мо барои ҳаёти ҳозираву ояндаи дурахшони Тоҷикистон аст.

Воқеан, сулҳу ваҳдат ибораҳоеанд, ки ҳамеша дилчаспу дилнишин ва бо лаҳни шево садо дода, бевосита шунавандаро ба фикр кардан водор месозанд.

Сулҳ - оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумро таҷассумгар аст.

Ваҳдат бошад, ба ҳам омадан, сар аз як гиребон бурун овардан, ҳамдигарфаҳму поктинату миллатдӯст буданро ифода мекунад.

Ваҳдат - беҳтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат, нумӯи даврон, ҳастии инсон дар замину замон аст. Ваҳдат ва сулҳи умумибашарии Тоҷикистон ҷонибдории мамлакатҳои ҳамзабони берунмарзӣ, мавқеву мақоми онро дар миқёси ҷаҳон овозадор менамояд. Имрӯз сулҳи тоҷикон, яъне иттифоқ ва ҳамдилии халқи тоҷик мавриди омӯзиши Созмони Милали Муттаҳид ва бисёр ташкилотҳои олам гардидааст. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ гӯё пандест аз гузаштаи дуру пешрафти маънавиёти кишвар. Мо танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлолияти кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем.

Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо ва монеаҳо паси сар мешаванд, рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ меорад. Ба ақидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: "Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад".

Он дарахте, ки Президентамон ба сулҳу ваҳдат ташбеҳ додаанд, имрӯзҳо меваҳои ширину бисёре ба самар оварда истодааст, ки бо онҳо мо, тоҷикон ифтихор мекунем. Муносибати нави давлатӣ, сиёсати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, сохтмони роҳҳои нави дохилию берунӣ ва ба хориҷи кишвар баромадани тоҷиконро ба миён гузошт. Роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, сохтмони шоҳроҳи Ваҳдат ба мамлакатҳои Осиё, ба сӯи уқёнуси ҷаҳон, роҳҳои калонтарини хушкигард расонид. Ин аҳвол боиси эҳёи арзишҳои миллии роҳи бузурги Абрешим гардид, ки Бохтару Суғдро бо калонтарин давлатҳои ҷаҳон мепайвандад.

Ҳақиқатан, ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дӯстӣ ҳукмфармост, он кишвар рӯз то рӯз гулгул мешукуфад, иқтисодиёташ тадриҷан меафзояд, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ.

Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи Президенти мамлакат, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати парешон сарҷамъ омад, мамлакат обод шуд, пеш рафт, гул-гул шукуфт ва имрӯз дар чеҳраи ҳар фарзанди тоҷику тоҷикистонӣ хурсандист, ваҳдату сулҳ падидор аст.

Хуллас, имрӯз ҳар як фарди бонангу номус ва баори миллат бо сулҳу ваҳдати кишвари азизамон меболад ва ифтихор мекунад. Зеро пояи сулҳу осоиштагӣ дар ин сарзамини ҳамешабаҳор ба ҳадди бузург мустаҳкам гаштааст. Чунки онро фарзанди бузурги ин сарзамин устуворӣ бахшида, такягоҳ аст.

Ва ҳеҷ як қувваи бадхоҳ ва муғаризоне, ки шукуфоии кишвар ва дастовардҳои бузурги онро нодида гирифта, бо ҳар роҳу восита сулҳу суботи кишварро халалдор кардани мешаванд, ба мақсадҳои нопокашон нахоҳанд расид. Зеро мардуми кишвар, ки Тоҷикистон барояшон азизу муқаддас аст, тибқи чунин суханони Сарвари давлат, ки гуфта буд: "Ҳар як фарди бедордили ҷомеа, ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон, ки барояш Ватан ва сарзамини аҷдодӣ қадру манзалат дорад, бояд сулҳу ваҳдатро чун гавҳараки чашм ҳифз карда, барои ободиву пешрафти кишвар ҷаҳду талош намояд", амал карда истодаанд.

***Фарзонаи Файзулло,***
***мудири шуъбаи равобити***
***хориҷии ДТТ***

## РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУҲИТИ ЗИСТ



**Санаи 5-уми июни соли 2018 дар ҳудуди Муассисаи давлатии "Наврӯзгоҳ" бахшида ба Рӯзи байналмилалии муҳити зист чорабинӣ доир гардид, ки дар он донишҷӯён ва устодони донишгоҳ фаъолона иштирок намуданд.**

Дар чорабинии мазкур дастовардҳои таълимӣ ва маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тозабудаи истеҳсоли Парки технологии "Фановар"-и донишгоҳ ва факултети муҳандисӣ-технологӣ ба намоиш гузошта шуд, ки таваҷҷуҳи меҳмононро ба худ ҷалб намуд.

## НАМОИШИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ



**Рӯзи 8-уми июни соли 2018 дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои навӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши ҳунарҳои мардумӣ бахшида ба соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.**

Дар ин чорабинӣ устодону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, маҳсули ҳунарҳои дастӣ, аз ҷумла, кандакорӣ, рассомӣ, наққошӣ, бофандагӣ, ресандагӣ ва кулолгариро ба намоиш гузоштанд. Чорабинӣ бо шукӯҳу шаҳомати хосса баргузор гардид ва барои дарки масъулияти соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба сокинони ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ дод.

## ВОХӮРИИ СУДМАНД



**12-уми июни соли ҷорӣ дар донишгоҳ вохӯрии намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишҷӯёне, ки дар равияи иқтисодӣ таҳсил менамоянд, баргузор гардид.**

Вохӯриро муовини ректор оид ба тарбия Юсупова Заррина Розиқовна ҳусни оғоз бахшида, меҳмононро ба аҳли толор муаррифӣ намуд ва бо камоли эҳтиром суханро ба сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ниёзов Маҳмадӣ вогузоштанд.

Маҳмадӣ Ниёзов дар мавзӯи "Моҳияти қонунгузории андоз" баромад намуда, аз ҷумла қайд намуд, ки тибқи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ барои солҳои 2017-2020, ҷиҳати баргузор намудани дарсҳои бозомӯзӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни макотиби таҳсилоти олии шаҳри Душанбе вобаста ба моҳияти қонунгузории андоз ибрози ақида намуданд.

Сипас, мутахассиси пешбари Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Исматов андешаҳояшро оид ба мавзӯи зикргардида баён карда, доир намудани чунин чорабиниҳоро манфиатбахш арзёбӣ намуд.

Дар анҷоми вохӯрӣ меҳмонон ба саволҳои додаи донишҷӯён ҷавобҳои қаноатбахш гардониданд.

Вохӯриро муовини ректор оид ба тарбия ҷамъбаст намуда, ташкилу гузаронидани чунин суҳбату вохӯриҳоро, ки минбаъд низ идома хоҳанд ёфт, муфид маънидод кард ва ба меҳмонон барои ташриф овардану суҳбати пурмазмун доир намуданашон аз номи раёсати донишгоҳ ва аҳли толор миннатдорӣ баён намуданд.

***Департаменти корҳои тарбиявӣ***

**4-уми июни соли равон дар толори донишгоҳ маҷлиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии "Фановар" шуда гузашт.**

## САФИ АЪЗОЁНИ ҲИЗБ МЕАФЗОЯД

Маҷлисро раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҲХДТ "Фановар", ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур оғоз намуда, аз фаъолияти кунунии аъзоёни кумитаи ҳизбӣ изҳори қаноатмандӣ намуд ва иброз дошт, ки фаъолияти аъзоёни ҳизб аз ҳисоби кормандони фаъоли донишгоҳ рӯз то рӯз афзуда истодааст. Сипас, ректори донишгоҳ ба аъзоёни нави ҳизб Ф. Оқилҷонов - мудири кафедра, Б. Охунов - ҷонишини декани ФТИС, У Сайдалиев - саромӯзгор, М. Нуров - посбон, Қ. Ашуров - мутахассиси шуъбаи тарбия, Г. Фозилова - коргузори хобгоҳи донишгоҳ ва М. Султонова - донишҷӯи курси 2-юми факултети муҳандисӣ-технологӣ билетҳои ҳизбӣ супорида, ба онҳо барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани фаъолияти ҳизбиашон комёбиҳо орзу намуд. Инчунин ба ду нафар донишҷӯёни курси 1-уми факултети технология ва дизайн, ихтисоси 1500102 Негматова Сабоҳат ва Назарзода Нозанин барои иштироки фаъолонаашон дар озмуни "Хонандаи беҳтарини китобҳои Пешвои миллат" бахшида ба соли ҷавонон ифтихорномаҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе супорида шуд.

Дар охир раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҲХДТ "Фановар" Амонзода И.Т. ба аъзоёни нави ҳизб барои боз ҳам беҳтар намудани сифати фаъолияти кориашон барору комёбиҳо хоста, таъкид намуд, ки ҳеҷ вақт фаромӯш набояд кард, ки сарварии ҲХДТ-ро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба уҳда доранд ва мо ҳизбиёнро зарур аст, ки дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат фаъолият намуда, барои пешрафти ҷумҳурии азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзандаи худро гузорем.

***Н. Ҳусейнов, ҷонишини раиси Кумитаи иҷроияи ҳизбии "Фановар"***

## ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ




**Санаи 8-уми июни соли ҷорӣ бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Форуми байналмилалии рушди сармояи инсонӣ дар мавзӯи "Роҳҳои расидан ба муваффақияти касбӣ" дар толори "Кохи афсарон"-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар кори он донишҷӯён ва кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ ширкат варзиданд.**

Пеш аз оғози кори форум дар саҳни Кохи афсарон намоиши дастовардҳои вазорату идораҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе ба маърази тамошо гузошта шуда буд. Дар намоиш дастовардҳои донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ манзури иштирокчиён гардиданд. Бахусус, ихтироот ва лоиҳаҳои инноватсионии пешниҳоднамудаи донишҷӯёни донишгоҳ таваҷҷуҳи намояндагони Вазорату идораҳоро ҷалб намуда, аз ҷониби онҳо хуш пазируфта шуд ва барои дар амал татбиқ намудани онҳо ба масъулин дастур дода шуд.

Баъд аз намоиши дастовардҳо форум ба кори худ оғоз бахшид, ки дар он намояндагони донишгоҳ Ҳакимов Ғ.Қ. - муовини ректор оид ба илм ва татбиқот, Ф.Табаров - мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ иштирок намуданд.

## БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**Бахшида ба 21-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар толори маҷлисгоҳи донишгоҳ ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа Ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон Ализода Зариф, муовинони ректор, деканони факултетҳо ва устодону кормандони донишгоҳ иштирок намуданд.**



Ҷаласаро Заррина Юсупова - муовини ректор оид ба тарбия ифтитоҳ намуда, меҳмононро ба ҳозирин муаррифӣ намуда аҳли толорро бо ин ҷашни таърихӣ табрик намуд ва хотиррасон кард, ки дар қатъ гардидани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани ваҳдати комил дар Тоҷикистони азиз кӯшишҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самараи дилхоҳ доданд.

Сипас, табрикномаи ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро ба муносибати 21-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ муовини ректор Ғафурҷон Ҳакимов қироат намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки аҳдат беҳтарин неъмати ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат ва ҳастии инсон дар ҳар давру замон аст. Маҳз ҳамин ваҳдати миллӣ аст, ки мову шумо имрӯз дар ин толори бошукӯҳ ҷамъ омадем ва озодона бо якдигар суҳбат дорем,- суханашро давом дода гуфт ӯ.

Зариф Ализода, ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон дар баромадашон қайд намуданд, ки рушди босуботи кишвар ва зиндагии шоистаи мардум маҳз бо шарофати Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ муяссар гардид. Барои ин мову шуморо месазад то шабу рӯз меҳнат кунем, заҳмат кашем, кишварамонро аз ин ҳам зиёдтар ободтару зеботар кунем ва ба қадри ин неъмати бебаҳо бирасем.

Баъдан, Усмонова Тӯҳфа Ҷумаевна, д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисод дар мавзӯи "Нақши ваҳдати миллӣ дар пойдорӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ" баромад намуда, як қатор далелҳои муқоисавии иқтисодиро, ки бо шарофати ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ ба даст омадааст, пеши назар оварданд. Маҳз ба ин хотир, мо бояд ин неъмати бебаҳоро ҳамчун гавҳараки чашм эмин нигоҳ дорем.

Сипас, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, н.и.ф. Исомиддин Шарифов дар мавзӯи "Ваҳдати миллӣ - таҳкимбахши Истиқлолияти давлатӣ" суханронӣ намуда, зикр кард, ки имрӯзҳо бо шарофати ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ кишвари азизамонро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанд ва ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид эътироф мекунанд. Ташаббусҳои кишвари моро таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, махсусан дар масъалаи об пазируфта, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", 2018-2028, ки аз ҷониби Пешвои муаззами миллат пешниҳод гардида буд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд, ки ин шабу рӯз Конференсияи байналмилалии он дар шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони як қатор кишварҳои ҷаҳон гузашта истодааст.

Дар фарҷоми ҷаласа Заррина Розиқовна бори дигар аз номи раёсати донишгоҳ меҳмонон ва аҳли толорро бо Рӯзи ваҳдати миллӣ табрик намуда, таъкид намуданд, ки сулҳу ваҳдат ба осонӣ ба даст наомадааст. Аз ин рӯ, мо ҳамагон бояд шукронаи ин сарзамин, шукронаи ин давлат, шукронаи тинҷиву амонӣ ва шукронаи Сарвари сулҳовару ободкор намоем.

***Ф. Табаров, сардори шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш***

### Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷавонон ва таълиму тарбия

*(Аввалаш дар саҳ. 2)*

Ҳукумат рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мешуморад ва барои таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ворисони сазовори халқу давлат пайваста кӯшишу талош дорад.

* * *

Ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо ва мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад.

* * *

Ҷавонони солим ва соҳибкасбу ихтисосманд давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

* * *

Ҷавонон дар ҷомеаи мо қувваи бузурганд. Тоҷикистонро беҳуда кишвари ҷавонон намегӯянд.

* * *

Ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки тақдириояндаи халқу давлат ба дӯши онҳо гузошта шудааст. Ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда гузоштани Ватани ободу рушдёбанда масъулияти бузург дорад ва ҳар фарди ҷавонро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстӣ кӯшишу талош намояд.

Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони давронии соҳибистиқлолии ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар-Ватани худ содиқона хизмат мекунанд.

* * *

Мо бояд ҳамаи имконияту захираҳои маънавию зеҳнии худро барои ислоҳот ва таҷдиди шуури насли наврас ва ҷавонон, инчунин, соҳибмаърифату соҳибихтисос гардонидани онҳо сафарбар намоем.

## РАВШАНИИ ГУЛХАНИ МО ВАҲДАТ АСТ

Ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон аз ҷумлаи сабақҳои басо арзишмандест, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди қабулу омӯзиш қарор гирифт.

Дар сиришти дар фарҳанги халқи тоҷик ваҳдату ваҳдатгароӣ таърихи дерину рангин дорад. Ҳам дар адабиёти классикии тоҷик ва ҳам муосири он тараннуми ваҳдат, таъкиду исботи он мавқеи шоиста дорад.

Қаҳрамонони мусбии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ҳама ваҳдатшиоранд. Дар "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ ва "Баҳористон"-и Сайидои Насафӣ зимни бисёр ҳикоёт неруи ваҳдат, бартарию созандагии он тавсиф мешаванд.

Чунончи, дар байти зер Сайидои Насафӣ фармудааст:

**Мӯрчаякон гар бикунанд иттифоқ,**
**Шери жаёнро бидаронанд пӯст.**

Мо бе чунучаро бисёр панду андарзҳои бузургонро, ки оид ба ин мавзӯст бархӯрдорем ва дар ҳаёт истифода менамоем. Агар ҳамаи ваҳдатномаҳои ниёгонамонро ба ҳам орем, китобе бузург иборат аз чанд ҷилд хоҳад шуд. Ба чунин мисраъҳои пурмазмуну ҳикматвор таваҷҷуҳ менамоем:

**Ёр аҳл аст, кор саҳл аст.**

***

**Ошноӣ рушноӣ овард.**

***

**Рафиқӣ мувофиқист.**

***

**Ваҳдати мо сарвати мост.**

Мо ҷавонони даврони истиқлол бешубҳа, аз ҷанги шаҳрвандӣ, ки солҳои 90-уми асри гузашта ба вуқӯъ пайваст боиси ғаму андӯҳу маҳрумиятҳо гардиданд, огаҳем. Шукронаи сулҳу ваҳдат, шукронаи тинҷиву амонӣ, алалхусус шукронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мекунем, ки бо ақлу заковат, мардонагию матонати хеш тавонистанд дар Ватани азизамон сулҳу салоҳ, оромиву амонӣ ва ваҳдати миллиро таъмин намоянд. Чи хеле, ки худи эшон пайваста таъкид мекунанд:

"Ман имрӯз гуфта метавонам, ки насли ҳозираи миллати тоҷик ҳарчанд аввал пешпо хурд, вале акнун пирӯз аст. Зеро ин насл тавонист васвасаи аҳриманиро ки дар байни халқи мо ҷой гирифта буд аз худ дур андохта морони заҳҳокро, ки ҷони ҷавони садҳо фарзандони моро қурбон мекарданд, саркуб созанд... Ақли солим ва хиради дурбин пирӯз шуд".

**Насли истиқлолу сулҳу ваҳдатем,**
**Пайравони Пешвои миллатем.**

Мо ҷавонони имрӯза сиёсати хирадмандонаи давлату ҳукуматро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, анъанаҳои ниёгонамонро чун Рустами Достон идома медиҳем. Баҳри пойдории ваҳдат ҷаҳду талош меварзем. Ҳамеша барои хизмат ба Ватан, Модар омодаем. Агар лозим ояд, ҷонамонро баҳри ҳимояи он фидо месозем.

Ҳамчун як ҷавони саодатманди кишвар баҳри ободию шукуфоии он ҷидду ҷаҳд намуда, ҳамеша аз даргоҳи илоҳӣ талаби онро дорам, ки осмони ватани мо - Тоҷикистони биҳиштосо софу беғубор, дастархони мо пурнозу неъмат, мардум ҳама сарҷамъу хушбахт бошанд.

*Фирӯзҷон Раҳмонов, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-40010108*

## ТАРБИЯ - ВАЗИФАИ ПАДАРУ МОДАР, ОМӮЗГОР ВА ҶОМЕА

Тарбия - маъноаш малакаҳо оид ба рафтор ва кирдор, ки ба воситаи мактаб, оила ҷомеа ва муҳит ба кас талқин мешавад; омӯхтани адаб; омӯзиш, парвариш намудан ва ғайра. Ба парвариш на фақат инсон, балки тамоми мавҷудияти рӯи замин, ки дар инкишоф аст, ниёз дорад.

Бузургон гуфтаанд: "Биомӯзем то биомӯзонем". Сарфи назар аз он ки мо миллати донишандӯз ва омӯзгор ҳастем, ҳамеша зарурат ба омӯзиш дорем. Зеро инсоният ҳамеша ба таълиму тарбия ниёз дорад. Агар ба таърихи фарҳанги гузаштагонамон бо дидаи таҳқиқ назар кунем, дармеёбем, ки ниёгони мо ба таълим ва тарбияи инсон таваҷҷуҳи хосае зоҳир мекарданд. Дар асрҳои миёна тарбияи инсон ва такомули ғановати маънавии он ба ҷойи аввал баромад.Ин аст, ки баробари инкишофи адабиёти бадеӣ, илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ асарҳои сирф ахлоқӣ чун "Насиҳатнома"-и Унсурмаолии Кайковус, "Бӯстон"-у "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ, "Баҳористон"- и Ҷомӣ барин асарҳо саросар ба насиҳати фарзанд бахшида шуда, як қисмати муҳими таъмини тарбияи ахлоқиро фаро гирифтаанд.

Тарбияи фарзанд яке аз вазифаҳои муҳими ҷамъият мебошад. Фикру эҳсос, иродаю характер, шуури ахлоқи кӯдакон бори аввал дар оила инкишоф меёбад, ахлоқу одоб, малакаю одати зарурияро низ онҳо дар оила пайдо мекунанд. Тарбияи оилавӣ ҳаргиз қимати худро гум намекунад. Агар фарзандон боақлу хирад, боодобу хоксор бошанд ё баръакс беодоб, худсар, якрав, шӯх, беинтизом бошанд, ҳамаи ин ба оила вобастагӣ дорад.

Аз инҷо маълум мешавад, ки ҳама давраи инкишофи фарзанд ба зиммаи оила меистод ва хоҳад истод, ягон падару модар аз ин масъала рӯй тофта наметавонад. Ҳоло бисёр падару модарон ба психолог - равоншиносон, таҷрибадорон, педагогҳо муроҷиат менамоянд. Аммо падару модарон имрӯз намефаҳманд, ки педагоги аввалин худи онҳо мебошанд.

Тарбияи фарзанд дар оила кори хеле душвор, аммо кори хурсандибахш аст. Падару модаре, ки кӯдакро тарбия карда наметавонад, фарзанди ӯ ба роҳи нодуруст меравад, ӯро гӯш намекунад ва дар он сурат падару модар ба касалиҳои гуногун гирифтор мешаванд, умри кӯтоҳ мебинанд. Агар фарзандро дуруст бо роҳи рост ҳидоят кунанд, аз натиҷаи тарбияи худ хурсанд мешаванд ва ба манфиати оила ва ҷамъият хизматрасон мешавад, ба монанди боғбоне, ки дарахтро парвариш мекунад ва аз ҳосили он манфиатдор мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии тарбияи фарзанд дар оила ин ташкили коллективи дуруст дар дохили оила мебошад.

Пеш аз ҳама дар оила мизу курсии дарсхонӣ, асбобҳои таълимӣ, техникаю технологияҳои муосир, ки ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ буда барои кӯдакон бояд бошад, то инки онҳо якҷоя нишаста дарс тайёр кунанд. Кӯдакон якҷоя нишаста баъди мондашавӣ бозӣ ташкил кунанд. Аз ин хулосаи муҳим баровардан мумкин аст, ки падару модарон барои ташкил намудани ин шароит масъул мебошанд.

Дар коллективи дохили оила рафтори маданиро кӯдак ҳис мекунад. Аз рафтори дарсхонӣ ва бозии кӯдак падару модар шавқу ҳаваси бачаро ба кадом касбу кор худашон муайян карда метавонанд. Имрӯзҳо дар назди падару модарон вазифаҳои хеле масъул гузошта мешавад, то ки фарзандони онҳо маърифатнок бошанд.

Яке аз илмҳои қадимтарин ва хеле муҳим оиди тарбия ин илми педагогика мебошад. Дар илми педагогика яке хуб нишон дода шудааст, ки худтарбия ва тарбия нисбати навтарбиякунӣ осонтар аст. Фарзандонро аз овони кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавониашон тарбият додан, бо роҳи дуруст ҳидоят намудан кори он қадар мушкил нест. Ҳар кас агар аз тахти дил хоҳиш дошта бошад, фарзанди худро дуруст тарбия карда метавонад.

Агар шумо кӯдаки худро нодуруст тарбия карда бошед, аз сари нав ислоҳ намуда тарбия кардани ӯ хеле душвор аст. На ҳамаи шумо падару модарони азиз кӯдаконро дуруст аз сари нав тарбия карда метавонед, чунки аз шумо сабр ва гузаштҳои зиёдро талаб мекунад. Кори ислоҳ - махсусан ислоҳи тарбия кори миёншикан аст. Аввало вақти зиёд, дуюм пуртоқатӣ, сеюм доимо назорат, чорум натиҷаи он бояд назаррас бошад, лек афсӯс, ки ин хеле вазнин аст, дилгиркунанда низ мебошад.

Дар бисёр ҳолатҳо одамони хеле маъруф, суҳбаторо, хоксор дар ҷои кор бообрӯйро мебинем, ки фарзандони онҳо худ тамоман худсар, худписанд, беадаб, қонуншикан буда, ба корҳои ғайричашмдошт даст мезананд. Имрӯзҳо падару модарон ба тарбиянокӣ ва маърифатнокии духтарон садди роҳ мешаванд. Чандин духтарони босавод ҳастанд, ки онҳо бо гуноҳи падару модарон ҳатто ба мактаб намераванд ё пас аз хатми синфи нуҳум таҳсилро тарк мекунанд. Мактаби бузурги тарбия ин оила мебошад. Ибтидои муросо ахлоқ, муошират, интизомнокӣ, одамгарӣ, меҳандӯстӣ аз оила сар мешавад. Падару модаронро зарур аст, ки педагогикаи оиларо хуб донанд, омӯзанд, чунки педагогика илм дар бораи таълиму тарбия аст.

Педагогикаи илмӣ тарбияи одамият, тарбияи оила аст. Падару модарон бояд педагогикаи одамиятро хуб донанд. Ҳар як падару модар бояд идеал ва "имиҷ" дошта бошад. Барои ин аввало рафтору ахлоқи худро падару модарон санҷида бинанд. Дар оила дурӯғгӯӣ, сохтакорӣ, масхаракунӣ сабаби пастшавии обрӯй ва сатҳи пасти тарбия мешавад. Шароити имрӯзаи бархе аз шаҳрвандони мо он қадар табъи дил нест. Бисёр падарон, ҳатто модарон аз фарзандонашон чандин солҳо боз дур мебошанд. Аҳволи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ - маданӣ оила чи гуна аст онҳо намедонанд. Ҳар як падару модар бояд ҳатман донад, ки фарзандони онҳо бо чӣ кор машғуланд, дар куҷоянд, дар иҳотаи чӣ гуна бачаҳо, бо киҳо рафиқанд, соати чанд аз хона мебароянд ва соати чанд ба хона меоянд. Мақсад он аст, ки фарзандро ҳаматарафа донистан лозим аст. Ин вобаста ба сохт ва таркиби оила мебошад. Чунки ҷавонони имрӯза кормандиояндаи ҷамъиятанд. Нисбати рафтору кирдори онҳо талаботҳои бисёр ҷиддӣ лозим аст. Фақат ба кӯдакон роҳбарӣ карда тавонистан лозим аст. Омӯзгор пеш аз ҳама чароғи маърифати тарбияи насли ҷавон мебошад. Омӯзгор яке аз мутасаддиёни тарбияи падару модар ва ҷомеаву давлат аст. Барои ба камол расидани ҷавонон пеш аз ҳама нақши муаллим ва кӯмаки ӯ хеле муҳим аст. Ибораи муаллим худ тарбиятгар, омӯзонандаи илм ба ҷавонон мебошад Шоҳсутуни тарбия ва илми педагогика омӯзгор аст, ки ҷомеа ва давлат ба он ниёз доранд. Мо муаллимро бо ифтихор чароғи маърифат ё машъали ҷаҳонафрӯз меномем. Лозим ва зарур аст, ки дар ҷараёни сохти махсуси истиқлолияти Тоҷикистони мустақил ин чароғ боз ҳам пурнуртар ва ин машъал беш аз пеш шӯълавартар гардад.

Тарбияи ҳисси инсонпарварии ватандӯстона ва байналмилалӣ дар наслҳои наврас аз ҷумлаи муҳимтарин талаботи ҷомеа ва ҳукумат ба кори пурсамари педагогӣ ва амалиёти ҳар як муаллим мебошад.

Ҳатман бояд иқрор шуд, ки имрӯз бо сабабҳои ба ҷомеа маълум ва равшан на кори ҳамаи педагогҳо ба талабот ҷавобгӯ аст. Мо на ҳамаи устодонро гунаҳкор меҳисобем. Аммо дар қатори омӯзгорон шахсоне низ ёфт мешаванд, ки онҳо ё баъди синфи 11 ё як ду сол дар омӯзишгоҳҳои педагогӣ ё донишгоҳу донишкадаҳо таҳсил намуданду бо сабабҳои гуногун таҳсилро тарк намуда касби омӯзгориро пеш гирифтаанд. Муҳимаш онҳо методикаи таълимдиҳӣ, савганди муаллим, этикаи педагогиро, инчунин психологияи кӯдакро бо давраҳои инкишоф хуб намедонанд. Қисми зиёди онҳо оиди одоби муоширате тасаввурот надоранд.

Ба ташкил ва ҷараёни таълими пай дар пай ҳатман донистани илми педагогика зарур аст. Ҷараёни таълим бо тарбия хеле наздик алоқаманд аст. Махсусан "Достони педагогика" - и А.С. Макаренко ҳеҷ вақт кӯҳна намешавад ва ҳамчун китоби рӯимизии устодон аст, буд ва хоҳад монд. Ё ин ки дар замони истиқлолияти мо олимони машҳури тоҷик, академикҳо И. Обидов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарипов, И. Каримова, доктарони илми педагогика С. Шербаев, У. Зубайдов, Х. Раҳимов, Б. Р. Атахонов, Нуров, Б. Маҷидова ва дигарон ситораҳои дурахшони илми педагогикаи тоҷик, ки асарҳои илмӣ-методӣ-тарбияви хеле калонҳаҷм офаридаанд, ки ба сохти тараққиёт ва инкишофи маънавии ҷавонон ва омӯзгорон хеле ҷиддӣ ёрӣ мерасонад. Масалан, китоби "Эҳёи педагогикаи аҷам" - и М. Лутфуллоев Д.1997 ё китобҳои устодон Б. Раҳимов, Х. Афзалов "Афкори педагогии халқи тоҷик" ва ғайраҳо.

Хушбахтона, асарҳои мазкур ба забони давлатӣ навишта шудаанд. Имрӯзҳо баҳонаҳои хеле зиёд аст, ки гӯё бо забони тоҷикӣ адабиёт нест. Масъалаи дигаре, ки диққатро ҷалб менамояд, тарбия намудани ҷавонон, наврасон аз тарафи ҷомеа мебошад. Ҷомеа ин ҳамаи мову Шумо азизон маҳсуб меёбем. Агар барои пешравии ватани соҳибистиқлоламон, ҳамчун ватандӯст хизмат намоем, пеш аз ҳама рӯ ба маърифат оварданамон зарур аст. Фарзанди солим, оилаи солим, ҷомеаи солим асоси пешравии давлат мебошад. Ғамхории давлати соҳибистиқлол бо сарварии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди оила, тарбияи ҷавонон ва маърифатноккунии тамоми аҳли ҷомеаи шаҳрвандӣ боиси дастгирӣ ва сарфарозӣ аст.

*Н. Юсупов, омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ*

**Ёдбуд**



# АЛО, ЭЙ СОҲИБОНИ ВАҚТ...

**Ало, эй соҳибони вақт,**
**Вақти хеш дарёбед.**
**Шумо ҳоло ҷавону комрону**
**шодмону зиндаед охир!**

Ин мисраъҳоро Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ барои бедорию қадри умрро донистани Инсон ба риштаи назм кашида, балки ҳушдорест барои мо инсонҳо соҳибони вақт. Соҳибоне, ки лаҳзаҳои вақтро қадр кардаву амали некеро анҷом дода ва ё аз гузашти лаҳзаҳои пурарзишаш бехабар монда. Дар ин мисраъҳо ҳикматест, ки хонандаи закиро дар мекушояд ба равзанаи хаёлаш, ба гузаштаву имрӯз, ба аъмол ва хидматаш, ки чӣ кард, чӣ нахле парвариду чӣ донае кишт. Мебояд омӯхт, таҷриба кард аз роҳу рӯзгори бузургони хирад , мардони ориф, пирони кор. Месазад ғӯта зад дар ин маъниҳо аз садои ёдҳо, ёди нафароне кунем, ки соҳибони вақт будаву қадри ин неъмати арзониву бебаҳоро дониставу амали некеро анҷом дода, эҷодҳое рӯи авроқи сабзи вақт бо эъҷозҳои худ рангрезӣ кардаанд. То саҳме гузошта бошанд барои рушду нумӯи маънавиёту илму ирфон ва пешрафти ҷомеа. То дигаре - фардоие,ки дари ин хонаи вайрона мекӯбад, ҳикмате ёбаду роҳнамояш эҷоди ин бузургон шабчароғи роҳи хирадаш гардад. Воқеан чунин инсонҳо инсонҳои одӣ нестанд. Бузургонанд, орифонанд, олимонанд, ки колбадашон, рӯҳу ҷонашон, дар маҷмӯъ ҳастияшон барои эҷоду кашфи нокушодаҳо офарида шуда. Агар сайре ба андеша ба дунёи чунин инсонҳо ворид гардиву омӯзӣ ҷаҳонашонро, роҳате ёбӣ аз накҳати кӯчабоғи гулбасти онҳо. Оре, ин гулбастҳо меҳнату амалашон аст, ки ин кӯчаро гулбасар гардонидааст.

Яке аз ин инсонҳои шариф собиқ ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (2000-2009) Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Муҳандиси хизматнишондодаи Федератсияи Русия, Аълочии маорифи ҶТ, профессор, Аъзо корреспонденти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, устоди зиндаёд Катаев Амирхон Ҳабибович мебошанд. Устодро аз замони роҳбар буданаш дар донишгоҳ мешинохтам. Замони ба кор омаданам ба донишгоҳ бо иҷоза ва лутфи роҳбарияш ба китобхона ҳамчун китобдор ба кор қабул шудаам. Фарҳанги баланди инсонӣ ва ахлоқи ҳамида доштанд устод, бисёр фурӯтан, хоксор ва донишманд буданд. Ҳамчун роҳбари кордону масъулиятшинос эҳтироми хосеро дар донишгоҳ ва берун аз он сазовор гардида буданд. Рӯзгори ибратомӯзе доштанд устод. Ӯ 20 сентябри соли 1947 дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Меҳри илм ҳанӯз дар давраи мактабхонӣ дар дилаш маъво гирифт, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи №31-и шаҳри Исфараро бо медали тилло хатм кардааст. Баъди хатми мактаби миёна донишҷӯи Донишкадаи муҳандисӣ-иқтисодии ба номи С.Орҷоникидзеи шаҳри Москваи давлати Россия мегардад (соли 1970). Самараи донишаш пурбор гардида, ки соли 1974 фаъолияти илмӣ ва истеҳсолияшро оғоз кардааст. Солҳои 1974-1977 ҳамчун таҷрибаомӯз- тадқиқотчии илмии Институти иқтисодӣ-риёзии Академияи илмҳои ИҶШС, аспирант, солҳои 1977-1995-ходими хурди илмӣ, ходими калони илмӣ, мудири бахш ва шуъбаи Институти иқтисодиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон, солҳои 1995-2000- раиси Агентии "Тоҷикстандарт"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2000-2008 ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005-2015), Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика ва коммуникатсия шуда фаъолият намудааст. Агар умр бовафоӣ мекарду устод дар қайди ҳаёт мебуданд, имсол ба синни муборахи 70 мерасиданд.

Чун ёд аз ӯ кардем хостам ҳамсуҳбат гардам бо ҳамкорон, дӯстон ва ёрони ӯ. Инак, фишурдаеро аз он суҳбатҳо пешкаши хонандаи азиз мегардонем.

**Олимҷон Хоҷамуродов, профессори ДТТ.**

- Амирхон Ҳабибович на танҳо ректори лоиқ, балки олими шинохтаи соҳаи иқтисоди ҷумҳурӣ ва роҳнамои илмии хуб буданд. Асарҳои таҳқиқотии эшон дар соҳаи иқтисоду ояндабинии нақлиёти ҷумҳурӣ аз тарафи иқтисодшиносони тоҷику кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ арҷгузорӣ шудаанд. Банда Амирхон Катаевро ҳангоми дар Москва дар аспирантура (солҳои 1974-1977) таҳсил карданам мешинохтам. Дар ҷамъомадҳои аспирантони Тоҷикистон бо ҳам шинос шуда будем. Аммо аз соли 2002-юм, ки банда ба ҳайси профессори ҳамкор, сипас аз соли 2003-юм ҳамчун мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба кор омадам ва профессор Катаев А.Ҳ. аз соли 2000-ум ректори он таъин шуда буданд, аз наздик шинос шуда ба кордониву одамгариву одамшиносии эшон итминони бештар ҳосил кардам. Воқеан, тарзи роҳбарии Амирхон Ҳабибович аз тарзи мудирияти кишварҳои шарқӣ муравваҷ аст, хеле фарқ мекунад. Ба таъбири дигар эшон мудириятро чунин роҳ андохта ҳар як шахси масъул дар иҷрои вазоифи ба уҳдаи ӯ муҳаввал шуда, салоҳияти комил дорад ва дар таслимгарӣ дар доираи салоҳияти вазифаи хеш мустақил аст. Аз ин рӯ, дар замони ректории Амирхон Ҳабибович (солҳои 2000-2009) ҳар як ноиби ректор дар таслимгарӣ ва иҷрои фаъолияти вазифаи хеш дар доираи муқаррароти низомномаи донишгоҳ мустақил буда, дар айни замон дар доираи муқаррарот ҳамаи масъулиятро низ ба дӯш дошт. Чунин тарзи роҳбарият ибтикори амалу масъулияти ҳар фарди масъулро (аз муовини декан сар карда то ноиби ректор) дучанд мекунад. Зеро вақте ки тасмим мегирад пеш аз ҳама масъулияти иҷро ё роҳи ҳалли онро андеша мекунад. Дигар аз хислати наҷиби Амирхон Катаев он буд, ки ҳамчун ректор ҳеҷ такаббуру ғурур надошта ба ҳеҷ кас беэътиноӣ ё дағалӣ намекарданд. Вақте ки ба донишгоҳ меомад, аз фаррошу дарбон сар карда то устодону кормандон аҳволпурсӣ менамуданд. Арзу шикоят ё талабу дархости муроҷиатро бо таҳаммул шунида дар сурати қобили қабул ё дар салоҳияти роҳбарияти донишгоҳ будан, аз пайи тадбири он мешуданд. Шодравон Амирхон Ҳабибович дар ҳар ҷое, ки кор кардаанд, ҳамеша аз сидқи дилу нияти нек фаъолият намудаанд. Барои банда басо ҷои хушист, ки беш аз ҳафт сол бо чунин як шахси наҷибу хоксор ифтихори ҳамкориро доштам.

**Қурбон Восеъ, профессори ДТТ.**

-Катаев Амирхон Ҳабибович аз ҷумлаи бузургтарин зиёиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, яке аз ободкунандагони донишгоҳ ин инсони шариф буданд, ки аз рӯзи омаданашон ба ҳайси ректори донишгоҳ пайи ободӣ, сарсабз гардонидани саҳни донишгоҳ, гулкорӣ намудан, арчазор гардонидан, тарҳрезии толори китобхона, толори калони маҷлисгоҳ, варзишгоҳе, ки имрӯз арзи ҳастӣ дорад, таҳсили хуби донишҷӯён, сатҳи баланди таҳсил, даъвати устодони собиқадор ва профессорон аз дохили кишвар ва беруна барои дарс гуфтан камари хидмат бастанд. Хизмати бузургу мондагореро ҳамчун рисолати роҳбарияш адо кардаанд. Ёд дорам, барои донишҷӯёни сустхон махсус дарсҳои иловагиеро бо ҷалби устодон ташкил мекарданд, ки донишҷӯёни сустхонро дар қатори донишҷӯи пешқадам расонанд. Донишҷӯёни аълохонро барои боз ҳам такмили донишашон дастгирӣ намуда онҳоро ба кишварҳои Украина, Олмон, ки ҳамкориҳоро дар донишгоҳҳои ин кишварҳо ба роҳ монда буд, барои таҳсил мефиристод. Чунин донишҷӯён баъд аз 2-3 соли таҳсил ба донишгоҳ бармегаштанд, ҳатман маҳфилҳо бо иштироки донишҷӯёни ҳама факултаҳои донишгоҳ барпо мекарданд, то ҳама омӯхтаҳову дидаҳояшонро ба донишҷӯёни дигар омӯзанд, яъне тарғибгари илму дониш буданд.

**Маҳмуд Тошматов, муовини ректор оид ба таълим ва сифати таҳсилот.**

- Солҳои бо устод Амирхон Катаев кор карданам медидам, ки устод андешамандӣ дар масъулияти бадӯшдошта, таҳаммули орифона доштанд дар салоҳияти роҳбарӣ, донишу тафаккури хеле баланди илмиро соҳиб буданд. Ана ҳамин фарогирии доманаи васеи илмӣ ва ҷаҳонбинӣ ӯро то ба Узви вобастаи АИ ҶТ, профессор, доктори илмҳои иқтисодӣ оварда расонд.

**Абдуғаффор Рауфӣ, профессори ДТТ.**

- Амирхон Катаев пеш аз ҳама бароям дӯсти наҷиб буданд. Бо ӯ фаъолият намудан дар як муассиса тайи солҳои зиёд бароям шарафу ифтихор буд. Поквиҷдониву поксириштӣ ва меҳнати ҳалолаш ӯро ба ин номи неку мондагор расонид.

Муҳаммад Ҳиҷозӣ дар "Ҳазор сухан"-аш оварда, ки "Ҳосили илм ин аст, ки зиндагӣ омодатар бошаду зеботар, ҳосили ахлоқ он ки зиндагӣ хуштар бошаду пурмаънитар". Воқеан, рӯзгори устоди шодравони мо Амирхон Катаев аз ҳосили ҳарду -илму ахлоқ эътибору эътирофи дучандро қоиманду мубарриз. Месазад дидаи устоди ақлро аз чунин муаррифии зиндагонии ибратбахш манзаргоҳ қарор дод. Зеро на ҳар кас чун устод бори ҳиммату бори чунин амалҳои солеҳу бузургро ба дӯш гирифта метавонад. Лоақал метавонем аз рафтору ахлоқу амалҳои некашон панд гирему ибрат омӯзем. Зеро бе донишу панди бузургон наметавон зиндагоние бо офтоби дурахшон сохт. Маҳсули нақши рӯзгорашро дар саҳфаи рӯзгори некон навишт. Эҳсоси замоне буданамонро, ки муҳлат аст бедортар кунему умрро пайи некиву некӯкорӣ сарф намоем. Чаро, ки зангулаи зиндагӣ бо гӯшҳои шунаво,чашмҳои бино ба соҳибони вақт, яъне мо агар бингарӣ ва бишунавӣ боз ҳам ин мисраъҳои устод Лоиқ Шералиро садо мезанад:

**Ало, шодоб соҳилҳо,**
**Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз,**
**Ки рӯзе хушк хоҳанд шуд.**
**Шумо, эй соҳибони вақт,**
**Биштобед!**
**Биштобед!**

***Тагойгули Саъдулло, корманди китобхонаи донишгоҳ***

# МАҚСАД: ҒАМХОРӢ ВА БЕҲБУДИИ САТҲИ ЗИНДАГИИ КОРМАНДОН

Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (раисаш Олимхон Ҷӯраев), ки 550-нафарро дар сафҳои худ муттаҳид намудааст, фаъолияташро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолати фаъолияти онҳо", "Дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ" ва шартномаи коллективӣ бо раёсати донишгоҳ ба роҳ монда, баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои устодону кормандон ва муҳайё намудани шароити хуби кории кормандон тадбирҳои заруриро ба амал бароварда истодааст.

Сохтори Кумитаи иттифоқи касаба аз 3 комиссияи доимоамалкунанда: комиссияи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, комиссияи баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, комиссияи ҳифзи иҷтимоӣ-маишӣ ва ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Аъзоёни раёсати Кумитаи иттифоқи касаба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мудирони шуъбаҳо, кафедраҳо, факултаҳо ва дигар сохторҳои донишгоҳ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, бо мақсади риоя намудани интизоми меҳнат ва реҷаи кории дохилидонишгоҳӣ, ҳолати омаду рафти устодону кормандонро ҳамарӯза зери назорат мегиранд.

Кумитаи иттифоқи касаба дар асоси нақша-чорабиниҳои тартибдодашуда фаъолияти санитарию гигиении нуқтаҳои фурӯши хӯрока ва ошхонаи дар дохили донишгоҳ бударо мунтазам санҷида рейдҳо гузаронида, натиҷаи онро ба раёсати донишгоҳ пешниҳод менамояд, ки ин барои боз ҳам беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ мусоидат мекунад.

Инчунин, дар ҳамкори бо раёсати ДТТ дар маъракаҳои умумидонишгоҳӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ иштирок намуда, баҳри ободонӣ ва кабудизоркунии гулгашту хиёбонҳои пойтахт ва саҳни донишгоҳ шанбегиҳо доир менамояд ва дар шукуфоӣ ва боз ҳам ободу зеботар гардонидани пойтахти кишварамон нақши дастони худро мегузорад.

Раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи устодону кормандони донишгоҳ дар асоси санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, оид ба кумакпулиҳои варақаи корношоямӣ, кумак ба эҳтиёҷмандон ва корафтодагон кору фаъолияти хешро ба роҳ монда дар амалӣ гардонидани сиёсати иҷтимоии давлат ҳиссагузорӣ менамояд.

Аз ҷониби Кумита дар давоми шаш моҳи соли 2018 ба шахсони камбизоат ва мусибатзада ба маблағи 20355 сомонӣ ёрии молиявӣ расонида шуд. Баҳри қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонидани фаъолони иттифоқи касаба ва як гурӯҳи нафақахӯрон дар рӯзҳои ид ба онҳо ба маблағи зиёда аз 1500 сомонӣ мукофотпулӣ ҷудо гардид. Инчунин, ба 2-нафар ниёзмандон, тибқи низомномаи мавҷудбуда ва аризаҳои онҳо, роҳхатҳо ба санаторияю истироҳатгоҳҳо дода шуд, то ки саломатиашонро барқарор намоянд.

Ғайр аз ин, ҳар моҳ бо ташаббуси ректори ДТТ ва қарори Шӯрои олимон бо мақсади иҷроиши дастуру супоришҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомали Раҳмон оиди дастгирии ятимон ва бепарасторон ба донишҷӯёни ятиму бепарастор аз фонди махсуси донишгоҳ кумаки якдафъаина расонда мешавад.

Самти дигари фаъолияти Кумитаи иттифоқи касаба рафти иҷроиши Шартномаи дутарафаи меҳнатӣ мебошад. Раёсати Кумита мунтазам баҳри амалигардонии банду бастҳои Шартномаи меҳнатӣ кӯшиш ба харҷ дода, дар ин ҷода низ ба комёбиҳо муваффақ гардидааст.



Дар ҳайати раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иттифоқи касабаи донишҷӯён ташкил карда шудааст, ки дар байни донишҷӯён оид ба масъалаҳои таълиму тарбия, истироҳат ва корҳои маданию оммавӣ кор мебарад. Иттифоқи касабаи донишҷӯён ба ҷиҳати тозагии синфхонаҳо, хобгоҳҳои донишҷӯён ва расонидани кумак ба онҳо эътибори ҷиддӣ дода ба раёсати КИК-и кормандон таклифу пешниҳодҳо менамояд.

Натиҷаи ҳамкориҳои хуби КИК бо раёсати донишгоҳ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Кумитаи Марказии иттифоқи касабаи "Тоҷикметалл" буд, ки аз тарафи иттифоқи касабаи КМ "Тоҷикметалл" идрорпулӣ барои 10-нафар донишҷӯёни фаъол (ҳар кадом ба маблағи 60 сомонӣ дар як моҳ) таъсис дода шуд.

Соли гузашта бо мақсади барқарор намудани саломатӣ 13-нафар аъзоёни иттифоқи касаба, ки бо ариза ба КИК муроҷиат карда буданд, ба осоишгоҳҳои ҷумҳурӣ фиристода шуданд. Кумита тасмим гирифтааст, ки дар мувофиқа бо Раёсати донишгоҳ имсол зиёда аз 20-нафар кормандонро барои табобату истироҳат ва ба ин васила барқарор кардани саломатиашон ба осоишгоҳҳои ҷумҳурӣ фиристонад.

***Р. Масъуд***

# ОМИЛҲОИ САР ЗАДАНИ ТЕРРОРИЗМ ВА ХАТАРИ ОН БА ҶОМЕАИ БАШАРӢ

Терроризм яке аз падидаҳои ниҳоят хатарнок буда, новобаста аз он, ки алайҳи он тамоми ҷомеаи иносонӣ мубориза мебарад, дар ҳоли рушд ва афзоиш аст. Сабабаш дар он аст, ки имрӯзҳо гурӯҳҳои террористӣ бо истифода аз таҷҳизоту барномаҳои махсуси компютерӣ ва технологияҳои замони муосир тавонистаанд, тақрибан дар ҳар кучое, ки хоҳанд, мақсадҳои хешро созмондеҳӣ карда ва бо амал даровардаанд ва ин шакли терроризмро бо исмҳои мухталиф ном мебаранд. Аз қабили терроризми замони муосир; терроризми иттилоотӣ; кибертерроризм; биотерроризм ва амсоли инҳо.

Бо вуҷуди муваффақ гардидани террористҳо дар ҷиҳати татбиқи амалҳои худ бо раванди ҷаҳонӣ шудан, талошҳои ҷомеаҳо зидди амалҳои террористӣ, ҳамчунон якҷонибаю миллӣ мондааст. Сабаб ва паёмади ин ҳодисаҳо аз як тараф дар набудани як созиши дастаҷамъона дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки намунаи ошкори он ихтилофоти паҳншудаи кишварҳо дар вақти навиштани асосномаи "Маҷмӯаи байналмилалии муҷозот доир ба мавзӯи терроризм" дар Рими Италия соли 1999 мебошад. Аз ҷониби дигар, бетаваҷҷуҳӣ ба ин падидаи мудҳиши хатарнок дар ҳуқуқи дохилии кишварҳо аст. Чунки дар қонунҳои дохилии баъзе давлатҳо ин ҷурмро ба сурати як ҷурми одӣ тафсир мекунанд. Албатта, давлатҳои тараққикардаи аъзои НАТО, бахусус Англияву Амрико, инчунин давлатҳои ИДМ, бахусус Россия, Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҳамсоя хеле ҷиддӣ оиди қонунгузории зидди террористӣ талош кардаанд ва қонунҳои зиёде оиди терроризм то кунун ба тасвиб расондаанд ва расонида истодаанд. Тавре дар боло зикр кардем, терроризм ҳамчун падидаи мудҳиши замони муосир дар ҷаҳон дар ҳоли афзоиш аст. Бар асоси омори Вазорати корҳои хориҷии ИМА дар байни солҳои 1968-82 тақрибан 8000 амалиётҳои террористӣ анҷом ёфтааст. Миқдори солонаи амалҳои террористӣ байни ададҳои 600 то 580 мебошад, ки тақрибан ба андозаи ду амалиёт дар ҳар рӯз рост меояд. Ин амалҳо асосан дар Амрико ва дар давлатҳои Аврупои ғарбӣ ба вуқӯъ омадаанд. Омори дигаре нишон медиҳад, ки "аз замони ҳамла ба сафорати ИМА дар Бейрут моҳи апрели соли 1983, тақрибан 188 ҳамлаи террористии бо шаклҳои гуногун дар саросари ҷаҳон, дар Лубнон, Исроил, Шри-ланка, Ҳинд, Покистон, Афғонистон, Сурия, Ироқ, Яман, Туркия, Ливия, Русия ва Амрико сар задааст". Зикр кардан бамаврид аст, ки ин амалиётҳо он оморҳое мебошанд, ки расман ба қайд гирифта шудаанд ва боз тақрибан ҳар рӯз ва ҳар соат дар ҳар як гӯшаи ҷаҳон як амалиёт ё якчанд амалиёти дигар ба анҷом мерасад ва ё дар ҳоли анҷомёбист. Илова бар ин, хатари истифода аз силоҳҳои маргбори муосир мисли бомбаи атомӣ, силоҳҳои кимиёию биологӣ ва ҷалб кардани мардум бахусус ҷавонон тариқи шабакаҳои интернетӣ ва инчунин дигар роҳу усули навин ҷомеаи башарро ба даҳшат андохтааст. Сабаби паҳншавии терроризм дар он аст, ки барои террористҳо амалиётҳои террористӣ натиҷаҳои дилхоҳашонро ба бор меоварад. Онҳо дар натиҷаи амалиётҳои террористӣ, имтиёзҳои бузург аз қабили ба даст овардани ҳокимият, аз байн бурдани рақиб, паҳн кардани идеяю хостаҳои хеш, ба даст овардани манфиатҳои молию пулӣ алалхусус аз ашёи хоми табиӣ, ишғол кардани сарзаминҳо аз тарафи муқобили худ, ки асосан давлатҳо ҳастанд, ба даст меоваранд. Неруҳои Амрико ва Фаронса дар натиҷаи фишори террористҳо дар соли 1983 Лубнонро тарк карданд.

Ҳукумати Шри-ланка дар асари фишори террористҳо маҷбур ба вогузории истиқлол ва ташкили як давлати мустақил гардид. Мардумон, давлатҳо ва созмонҳои миллию байналмилалӣ, ҳатто тамаддунҳои имрӯзи дунё ҳар кадом ба навъе бо ин падида рӯ ба рӯ ҳастанд. Масъала ин аст, ки ин мардумон, давлатҳо ва дигар воҳидҳои сиёсӣ маҷбуранд ё қисман бо хости хеш аз ин падида мавзеъгирӣ ё ин ки пайравӣ мекунанд. Ба ин сабаб маҷбуранд, ки ин падида иттифоқ меафтад ва бар онҳо бор мешавад ва ин мушкилот бошад, хеле кам мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Талош дар ҷиҳати эҷоди як созишнома ва гуфтушуниди умумии террористӣ зери унвони "Муколамаи терроризм" аст, ки дар он қудратҳои хушунатгар ва шӯришгар бо ҳам бархӯрд мекунанд. Ба ҳамин далел аст, ки падидаҳои сиёсии дигар мисли инқилобҳо, ҷангҳо ва ғайраҳо мавриди баҳсу таҳлили ҳақиқӣ ва умум қарор гирифта ва назарияпардозӣ шудаанд. Бо вуҷуди ихтилофи назарҳо дар мавриди ҳар кадом аз ин падидаҳо, баҳсҳои мушаххасе оид ба шинохт ва баёни ин падидаҳо сурат гирифтааст. Бинобар ин мутахассисони зиёде дар ин самтҳо кор карда ва шинохта шудаанд ва баҳс дар мавриди ин падидаҳо ба шакли маҳфилҳои илмӣ ва умумӣ қабул шудааст. Шунида шудани мафҳуми "террор" ва "терроризм" барои ҳама ба тарзе бо тарс ва даҳшат ҳамроҳ аст, ки ҳатто таҳлилгарони варзидаи маъруф, ки қобилияти хуби шинохт ва таҳлили равшангарона доранд, низ мавриди таҳдиди террористӣ қарор мегиранд. Танҳо дар фазои муколама оид ба терроризм аст, ки сарнавишти бухронҳо, қонунҳои сиёсӣ, ҳувияти миллӣ, ихтилоф оид ба масъалаҳои геопалитикӣ (ҷаҳонишавӣ) ва ҷуғрофияи сиёсии кишварҳо, ки баъзан дар ташкили терроризми давлатӣ ва байналмилалӣ (мисли ихтилофҳои марзӣ байни кишварҳои соҳили шарқии Ором) таъсири мустақим доштааст, нишон медиҳад. «Иқдомот»-и террористӣ монанди одамдуздӣ, ҳавопаймоработӣ ва қатле, ки ҳамзамон хушунатомез ва нафратангез аст, ҳеҷ гоҳ ба танҳоӣ наметавонад сабаби боло гирифтани сатҳи бухрони байналмилалӣ гардад. Дар муколама роҷеъ ба терроризм мубориза ё ин ки набарди пинҳонтаре ба шакли шадидтар байни абарқудратон ва қудратҳои навзуҳури минтақавӣ ва дигарон барои бознависии марзҳои қонунӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷараён дорад. Дар натиҷа мо эҳтиёҷ ба як амалкарди наве барои дарк ва таҳлили терроризм ниёз дорем. Аҳамияти муҳими ин масъала имрӯз дар он аст, ки дар ин аср падидаҳои мисли инқилобҳо дар дохили марзҳои ҷуғрофӣ ва сиёсии миллӣ ва ҷангҳо тақрибан ба поён расидааст. Бинобар ин, асоси баҳаракатдаровари таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоӣ чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ, хусусан аз замони пайдоиши силоҳҳои ҳастаӣ, ки давлатҳо аз сохти он ба далели ҳимоя истифода мебаранд, эътирозоте ҳам аз ҷониби дӯстон ва душманон мушоҳида мешавад. Маҳз надоштани силоҳи ҳастаӣ давлатҳоро мубталои фоҷиаи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мегардонад. Ҳуҷуми давлатҳои абарқудрат ба Ироқ ба баҳонаи доштани силоҳи ҳастаӣ далели ин муддао шуда метавонад, пас аз бахаробазор табдил ёфтани ин давлат ва нотавонсозии он, ҳамчунин пайдо нашудани силоҳи ҳастаӣ, ин кишвар дучори дигар фоҷиаи инсонӣ, яъне ҳуҷуми террористон гардид. Фоҷиаи "баҳори арабӣ", низ намоёнгари равшани ин падидаи номатлуб дар ҷомеаи ҷаҳони муосир маҳсуб меёбад. Вақте шахс ба сиёсати бархе аз давлатҳои пуриқтидор ва аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ, қавию нерӯманд дар муносибатҳои байналмилалӣ аз назари ақли солим баҳо доданӣ мешавад, мефаҳмад, ки ин давлатҳоро сиёсати бузургманишӣ ба дараҷае хирадашонро тира намудааст, ки ҳуқуқи давлатҳои дигари миллиро поймол менамоянду боз худро ҳомии сулҳу осоиштагии ҷаҳон муаррифӣ менамоянд. Ин давлатҳо худ моҷароэҷодкунандагони ҷомеаи башарӣ бошанд ҳам, боз онро ҳамчун натиҷаи талоши "ифротгароён" медонанд, ҳол он ки таъсисдиҳанда, маблағгузор ва роҳбарони ин гурӯҳҳои ифротгаро худи ҳамин давлатҳоянд.

Падидаи хонумонсӯзи терроризм дар ҳамаи сатҳҳои системаи иҷтимоӣ (гурӯҳҳои сиёсӣ), миллӣ ва байналмилалӣ ва дар сатҳи давлатҳо вуҷуд дорад. Ҷолиби диққат аст, ки бар хилофи тасаввури маъмул, ин падида чи аз лиҳози шиддат ва чи аз лиҳози шумор (ҳодисаҳои воқеъшавандаи террористӣ) бештар дар кишварҳои демократӣ мисли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Аврупо иттифоқ меафтад, на дар давлатҳои ғайринизомию қудратталаб.

Терроризмро дорандаи чаҳор унсур номидан мумкин аст:

- Терроризми амалӣ аз сари таассуб ё интиқом нест, балки аз қабл тарроҳӣ ва барномарезӣ шудааст.

- Амали сиёсӣ аст, на ҷиноӣ, яъне мақсади он эҷоди тағйир дар назму тартиботи сиёсӣ аст, на касби дастовардҳои молӣ.

- Террористон маҳалҳои низомӣ ва ғайринизомиро ҳадаф қарор медиҳанд, яъне барои онҳо гунаҳкору бегунох вуҷуд надорад.

- Корҳои террористӣ асосан тавассути низомиён анҷом намешавад ва гурӯҳҳои ғайринизомӣ иҷрокунандагони ин амалиётанд.

Бо вуҷуди оне, ки то ҳадди муайян дар бораи бархе аз воқеият ва моҳияти дурусти калимаҳо ва унсурҳои терроризм иттифоқи назар ва ҳамаандешагӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, то кунун таърифи возеҳу равшан ва пазируфташудае аз "террор" ва "терроризм" вуҷуд надорад. Чунончи, терроррo агар ба як кори хушунати ғайриқонунӣ барои ҳадафҳои нораво ва асосан сиёсӣ ба қасди эҷоди тарсу ваҳшатноки умумӣ дар миёни мардум ва ба шеваҳои ғофилгирона ва худсарона таъриф кунем ҳам, дар ин самт шояд ҷавоби дақиқро дода наметавонем. Аммо решаҳои бисёре аз ихтилоф, мавзеъгириҳои сиёсӣ аст, ки албатта мумкин аст решаҳои иқтисодӣ мисли фақр ва камбизоатӣ ва ё решаҳои психологӣ мисли интиқомҷӯӣ ё барои муҳим (номдор) шудан низ бошад?!

Ҳамин тавр, падидаи терроризм дар ҷаҳон дар ҳоли густариш аст ва сиёсати ҷаҳонро зери таъсири худ гузоштааст. Ин вазъият, ба унвони падидаи ҷойгузин дар таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар амсолҳо амал мекунад ва зиндагии сиёсиро ба мушкилот дучор месозад.

***Фарзона Салимова,***
***Иброҳими Сироҷиддин,***
***ассистентони кафедраи***
***фанҳои гуманитарии ДТТ***

# РОҲҲОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Тавсия

Дар мактабҳои олӣ дар дарсҳои забони англисӣ роҳҳо ва усулҳоеро ҷустуҷӯ кардан лозим аст, ки донишҷӯён ба василаи ин усулҳо аз танбалӣ ва фориғболӣ дур шуда, ба ҷараёни дарс бетараф набошанд ва барои ҷавоб додан ба саволҳои омӯзгорон кӯшиш намоянд. Барои фаъол гардондан ва бедор намудани майлу рағбати чунин донишҷӯён дар рафти дарс аз чанд усули самараноки таълим кор гирифтан лозим мешавад.

Таърифу таҳсин ҳамчун шакли ҳавасмандкунӣ ба рафтору муносибати донишҷӯён ба дарс таъсир мерасонад. Афзалияти ин усул дар он аст, ки ба донишҷӯён хурсандӣ, рӯҳбаландӣ ва қаноатмандӣ бахшида, завқи онҳоро ба донишандӯзӣ бедор мекунад ва ба иҷрои вазифаи навбатӣ сафарбар менамояд. Хурдтарин комёбӣ ва пешрафти донишҷӯёнро қадр кардани омӯзгорон ба мақсад мувофиқ аст. Ба омӯзгорон лозим аст, ки сатҳи дониши ҳар як донишҷӯро ба таври возеҳ дониста аз рӯйи он амал кунад. Барои ҳамин қариб дар тамоми дарсҳои забони англисӣ таҳлили морфологӣ, синтаксисӣ ва таркиби калимаро гузаронидан ба мақсад аст. Ин намуди корро дар ҳар як лаҳзаи дарс гузаронида, омӯзгорон ба ҳисоб мегиранд, ки кадом донишҷӯ кадом мавзӯъро медонад ва мувофиқи он амал мекунад. Ба ин намуди кор бештар донишҷӯёни сустхонро ҷалб намуда як шакли мусобиқа мегардад ва дар донишҷӯён эҳсоси масъулиятшиносӣ ва фаъолнокиро ба вуҷуд меорад. Бартарии ин кор дар он аст, ки ҳамаи донишҷӯён бо шавқ дар дарс иштирок мекунанд




Дар шароити кунунии рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ донишҷӯён метавонанд мустақилона (бе нусхабардорӣ аз каси дигар ё аз тахтаи синф) забон омӯзанд. Дар ин ҳолат шавқи онҳо нисбат забономӯзӣ зиёд гардида, бо қатъият ба омӯзиш машғул мешаванд.

Истифодаи компютер ва интернет дар рафти машғулиятҳои амалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки аз луғатҳо истифода карда ба воситаи сомонаҳои интернетӣ матнҳо ва калимаҳои нофаҳмояшонро аз як забон ба забони дигар тарҷума намоянд. Ҳамин тавр, истифодаи технологияҳои компютерӣ ва интернет дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ сабаби баланд гардидани сифати таълим ва беҳтар шудани сатҳи дониши донишҷӯён шуда метавонад. Технологияҳои информатсионӣ татбиқгари фаъоли алоқаи байни фанҳо мебошад. Гузаронидани тестҳои фаннӣ, навиштани рефератҳо ва истифодаи технологияи компютерӣ хеле мувофиқ мебошанд. Истифодаи сомонаҳои интернетӣ, дарёфти луғатҳо дар рафти тарҷумаи матнҳо, гузаронидани конференсияҳои илмӣ ба забони англисӣ ёрӣ мерасонанд.

***Қ. Раҳимова,***
***М. Нарзуллоева,***
***ассистентони кафедраи***
***забонҳои хориҷӣ***

# АНДАРЗҲО

- **Байни зану мард аз осмон то замин фарқ аст.То аз осмон наборад, аз замин нарӯяд.**
- **Некбахт будан хоҳӣ аввал талаби илм намо, дуввум саховатмандиро пеша кун, сеюм шукуфтарӯй бош;**
- **Шахси ҳунарманд мисли кӯҳи барҷаста аст.**
- **Торикии дил, аз муҳаббати зиёд доштан ба моли дунё ҳосил мегардад**
- **Дил чӣ қадар хурд аст, вале саҳифаҳои зиёд дорад.**
- **Торикистон аст хонае, ки даҳ равзана дораду як китоб не.**
- **Роҳи рост бо рӯшноии илм маълум мегардад.**
- **Далели марди ориф чист? Он ки дар паи озори касе набошад.**
- **Иззати инсон аз кам гуфтан афзун мегардад.**
- **Бадиро бояд бо нафси худ кард.**
- **Пургӯӣ бехирадист. Доноӣ дар камгапист.**
- **Ҳар ки дар асл бад аст, аз ӯ набояд умеди некӣ дошт.**
- **Шукргузорӣ сабаби зиёдатии давлат аст .**
- **Сухани бад забонро хароб месозад .**
- **Шахсе, ки сабру тоқат дорад, зуд ба мақсад мерасад.**
- **Олим ҳар куҷо, ки биравад иззат ва ҳурматаш кунанд.**
- **Дӯстро бо пастиву баландӣ ва сахтиҳои зиндагӣ имтиҳон кун.**
- **Будани падару модарро ҳамеша ғанимат дон.**
- **Ҳаққи ҳама касро бишнос ва рози худро ҳамеша нигоҳ дор.**
- **Зиёду барзиёд хондани китоб ҷаҳонбинии инсонро васеъ месозад.**
- **Шахси ростгӯю росткор ҳамеша пеши роҳаш кушода аст.**
- **Дарахте, ки меваи ширин ба бор меорад, ҳамеша ӯро сангсор месозанд.**
- **Шахси дурӯғгӯ ҳамеша пешпо мехӯрад.**
- **Вақте ки модари худро ноҳурматӣ мекунӣ, пеш аз ҳама андеша кун, ки рӯзе ту ҳам модар мешавӣ, тавре, ки шоир фармудааст:**

***Ҳарчи кунӣ бо худ кунӣ,***
***Хоҳ бад кунӣ хоҳ нек кунӣ.***

- **Беҳунар мисли хаси рӯи об аст, ҳунарманд бошад, гавҳари зери об аст.**
- **Нафаре, ки ҳамеша ба тозакорӣ машғул аст, дили тоза дорад.**
- **Шахсе ки ҳамеша дар ҷустуҷӯ аст, сазовори номи "донишҷӯ" аст.**
- **Муаллим чизеро, ки омӯхтааст ҳамонро ба шогирдаш медиҳад.**

***Таҳияи Насиба Ҳасанова,***
***донишҷӯи курси 2, ихтисоси 140010107т***

2018 - Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ

# МУЪҶИЗАИ ТАБИАТ



Дар байни сайёҳон нуктае ниҳоят маъмул аст: "Касе, ки Помирро надидааст, Тоҷикистонро надидааст ва касе, ки Бартангро надидааст, Помирро надидааст".

Водии Бартанг дар ҳақиқат минтақаи сеҳрангезу афсонавист. Ин диёр пур аз розҳои ногуфта, саргузашту ривоёти гуфтаву ногуфта дорад. Ҳар як ашёи табиат, ҳар як сангу чашмаҳо, кӯҳпораю пиряххо, қалъаву оромгоҳ таърихи бостонии ба худ хоси аҷоибро дорад. Дар ин минтақа баландтарин қуллаҳои Помир, калонтарин пиряххои Осиёи Марказӣ, баландтарину зеботарин кӯлҳои олам, олами бой ва беҳамтои наботот ва ҳайвонотест, ки дар байнашон шумораи зиёди намудҳои муқимӣ ва қадима мавҷуданд. Ин мавзеъ яке аз марказҳои бавуҷудоӣ ва паҳншавии бисёр зотҳои гуногуни ҳайвонот ва набототи Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, мавзеи аз ҷиҳати экологӣ тозатарин ҳисоб мешавад.

## Водии Бартанг

Водии Бартанг бо як қатор хусусиятҳояш аз дигар мавзеъҳои Бадахшону ҷумҳурӣ фарқ мекунад. Пеш аз ҳама - ин минтақабандии амудии наботот ва гуногунии сатҳи замину манзараҳо, тағйирёбӣ, шароити сахти иқлимӣ, душворгузар будани мавзеъҳои алоҳидаи ҳудуд, хавфи зиёди сар задани офтатҳои табиӣ (сел, тарма, ярч ва ғайра) мебошад.

Муҳити водии Бартанг мероси ғании табиӣ ва фарҳангиро нигоҳ медорад, ки ин дар баробари манзараҳои дилрабо ва ба худ хоси диёр, минтақаро боз ҳам хушнамудтар мегардонад. Нигоҳ доштан ва омӯзиши чунин моликияти фарҳангии мардумӣ маънии омӯзиши мубодилаи таҷрибаи бисёрасра ва таъсири байниҳамдигарӣ дар байни фарҳанги мардуми Помир ва халқҳои ҳамсояро дорад

Ҳаёти мардуми Бартанг ҳамеша вазнин ва мураккаб буд. Лекин аксар наслҳои сокинони ин диёр сарвати бебаҳое аз донишу таҷриба андӯхтаанд, ки ин барояшон имконият медиҳад то нисбат ба зиндагонии сахт ва мушкили ин диёр тобу тавон нишон дода, зиндагониашонро аз ҳисоби нигоҳдорӣ ва афзункунии донистакории анъанавӣ пеш баранд.

Номи худро Бартанг аз номи яке аз шохобҳои калонтарини дарёи Панҷ, ки аз байни ин водӣ мегузарад, гирифтааст. Дар ҳудуди водӣ рӯди мазкур номи Бартангро баъди аз кӯли Сарез ҷорӣ шуданаш мегирад. Аз кӯли Сарез боло дарё номи Мурғоб, аз он болотар бошад, номи Оқсуро дорад. Дарозии рӯди Бартанг бо шумули Мурғобу Оқсу 405 км- ро ташкил дода, майдони умумии ҳавзаи мазкур дар маҷмӯъ 32 700 $км^2$ мебошад.

Дар гузаштаи наздик водӣ ҳамчун як ноҳияи алоҳида - ноҳияи Бартанг дар тобеияти ВМКБ арзи вуҷуд дошт. Таърихи таъсисёбии ноҳия ба 27 октябри соли 1932 рост омада, 5 сентябри соли 1953 ноҳияи Бартанг бо ноҳияи Рӯшон якҷо карда шуд.

Аз ҷиҳати вижагиҳои қавмӣ ва забонӣ бартангиҳо гурӯҳи тоҷикони наздипомирӣ мебошанд, ки дар қисматҳои поёнии рӯдхонаи ҳамном зиндагӣ мекунанд. Шумораи онҳо қариб 2000 нафарро ташкил дода, бо лаҳҷаи бартангии гурӯҳи забони шуғнонӣ-рӯшонӣ такаллум менамоянд Дар қисмати болооби дарёи Бартанг, дар ҳудуди деҳаи Рошорв гурӯҳи аҳолие ба сар мебаранд, ки бо лаҳҷаи рошорвии гурӯҳи забони шуғнонӣ-рӯшонӣ гуфтугӯ намуда, бо баъзе хусусиятҳашон аз дигар сокинони водии Бартанг тафовут доранд.

Мувофиқи ҳисоботи мутахассисон минтақа дорои захираҳои ғании табиӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ буда, барои рушди беш аз 60 намуди фаъолияти сайёҳӣ мувофиқ мебошад.

Дар ҳудуди водӣ аз давраҳои қадим иншооте арзи вуҷуд доштанд, ки ба таври анъанавӣ аз тарафи аҳолии маҳаллӣ ҳифз карда мешуданд: мазорҳо (қабрҳои қадимаи ходимони барҷастаи динӣ), ҷойҳои муқаддас, дарахтҳои алоҳида, мавзеъҳои ҷангалӣ, чашмаҳо, обанборҳои на чандон калон, марғзорҳо, макони беҳамтои баромади ҷинсҳои кӯҳӣ ва ғайраҳо.

Яке аз муъҷизаҳои аҷоиби ин макон дарахтони себе ҳисоб мешаванд, ки дар қишлоқи Нисур, дар таги кӯли машҳуру афсонавии Сарез, дар баландии 3200 метр аз сатҳи баҳр месабзанд.

## Дарахти себи дубаҳра

Ин ду дарахти себ, ки ҳар кадомаш бештар аз сесад сол умр дорад, дар як сол ду маротиба ҳосил медиҳад. Бори аввал дар моҳи июл меваҳо пухта мерасанд ва боз аз сари нав аввалҳои моҳи сентябр гул карда, ғӯра мебанданд. Лекин, аз сабаби ба охир расидани фасли гармӣ, ғӯраҳо норасид мемонанд. Ба ҳар ҳол маротибаи дуюм ҳосил бастани дарахтҳо ҳодисаи нодир барои олимон мебошад.

Қимати ин дарахтон бо чунин мевабандӣ ба охир нарасида, онҳо инчунин дар байни аҳолии маҳаллӣ ҳамчун падидаи муқаддас шинохта мешаванд. Меваҳои он аҳамияти шифоӣ доранд, махсусан барои занони безурёт. Истеъмоли доимии меваҳо дар давоми 10 -15 рӯз, барои заноне, ки аз безурётӣ ранҷ мекашидаанд, муфид буда, баъди ин онҳо соҳиби кӯдак мегарданд. Бо ин мақсад имрӯзҳо бисёр оилаҳо ба ин мавзеъ омада, ба гуфти аҳолии маҳаллӣ қисмати зиёди онҳо баъди бозгашт ба мақсадашон мерасанд. Инчунин ривоят мешавад, ки оилаҳои нав пеш аз хонадоршавӣ ба зиёрати ин ҷой меоянд ва баъди ин онҳо як умр дар фазои ошиқона, хушбахтона умр ба сар мебаранд.



Ба омӯзиши хусусиятҳои биологии ин дарахтони себ аз солҳои 60-уми асри гузашта сар карда, олимони тоҷик ва машҳуртарин пажӯҳишгарони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сарукор доштанд, лекин муайян намудани сирру асрорашон то ҳоло ба ягон кас муяссар нагардидааст. Аз навдаю реша, тухм ва дигар қисмҳои рустанӣ қаламчаҳо, тухмҳо гирифта, дар шароити боғи ботаникии Помир ва ҳатто боғи ботаникии дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бурда пайванд менамуданд ва ё ин ки бо усулҳои афзалиятноктарин шинонда парвариш медоданд. Ниҳолҳои парваришӣ реша давонда ба хуби рӯида калон мешуданд, лекин онҳо қобилияти дуюмбора додани ҳосилро надоштанд.

*Таҳияи Салимзода Меҳрона, рӯзноманигори ТВ Маърифат*

# ОДАМОНИ ҚАДБАЛАНД



*Роберт Першинг Уодлоу*

**Роберт Першинг Уодлоу** (1918-1940) дар таърих ҳамчун нафари қадбаландтарин сабт шудааст. Баландии қади ӯ 2 метру 72 см буда вазнаш ба 220 кг мерасид. Қади ӯ аз сабаби беморие, ки ба сатҳи баланди гормон оварда мерасонид, боло мерафт. Роберт дар синни 22 солагиаш аз олам даргузашт. Дар маросими дафни Роберт Першинг Уодлоу 40 ҳазор нафар иштирок намуда буданд.

**Ҷон Роган** (1868-1905) баландии қадаш 2 метру 69 см буда, вазнаш ба 79 кг баробар буд. Дар тӯли таърих дувумин шахси қоматбаланд ба шумор меравад. Ҷон аз сабаби бемориаш дар синни сенздаҳсолагӣ аз пои равон маҳрум шуд. Қади ӯ баъд аз вафоташ соли 1905 андоза шуда буд.

**Леонид Степанович Стадник** соли 1971 дар Украина ба дунё омадааст. Тибқи Китоби рекордҳои Гиннес ӯ яке аз нафарони қадбаландтарини ҷаҳон ба шумор меравад. Баландии қомати ӯ 2 метру 57 см буда ба бемории дароз шудани узвҳои бадан алоқамандӣ дошт. Дар натиҷаи баландшавии узвҳои бадан қади ӯ аз меъёраш 40 маротиба зиёдтар боло рафт. Леонид соли 2014 бар асари хунравии мағзи сар аз олам чашм пӯшид.



*Леонид Степанович Стадник*

**Сзен Сзин-лян** (1964-1982) яке аз баландтарин ҷинси зан дар олам ба шумор меравад. Ӯ дар синни 17 солагӣ ба ҳалокат расид, ки он замон қадаш ба 2 метру 49 см баробар буд. Аз сабаби иллати сахти ҳароммағз ӯ наметавонист қоматашро рост кунад.

**Доналд Келлер** (1925-1981) баландии қоматаш ба 2 метру 48,9 см баробар буд. Қомати падари Доналд ба 1 метру 88 см расида, қади модараш 1 метру 75 см-ро ташкил менамуд. Қади хоҳари Доналд 1 метру 75 см буда, фарқияти онҳо 74 см арзёбӣ мешуд. Доналд Келлер дар синни 55 солагӣ аз дунё даргузашт.



*Сзен Сзин-лян*

**Султон Косен** соли 1983 ба дунё омада дар Туркия ба сар мебарад. Феълан ӯ қоматбаландтарин сокини сайёра дониста мешавад. Зеро Леонид Стадник чен намудани қадашро барои Китоби рекордҳои Гиннес рад намуд. Султон қаблан ба бозии баскетбол машғул буда, аз сабаби мушкилии пойҳояш аз ин шуғл даст кашид. Баландии қади Султон Косен 2 метру 47см-ро ташкил менамояд.

**Вэйно Мюллиринне** (1909-1963) қадаш ба 2 метру 22 см баробар буд. Вазнаш ба 197 кг расида то синни 21 солагӣ ба 2 метру 47 см расид. Вэйно сарбози баландтарине ба шумор меравад, ки дар қувваҳои мусаллаҳи кишвараш хизмат намудааст.

**Чҷао Лян** соли 1982 дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ба дунё омадааст. Баландии қади ӯ ду метру 46 см-ро ташкил менамояд. Чҷао яке аз беҳтарин бозингарони баскетбол ба шумор мерафт. Аммо соли 2001-ум бофтаҳои пои чапаш осеб ёфта, бо ҳамин бозии баскетболро тарк намуд. Чанде пас Чҷао дар сирки музофоти Хэнян ба ҳайси ҳунарманд ба кор шуруъ намуд. Волидайни Чҷао миёнақад буда иброз намудаанд, ки қади бобои Лян ба ду метр мерасид. То синни 23 солагиаш қади Чҷао дар як сол то 10 см афзоиш меёфт.

**Габриэл Эставао Моняне** соли 1944 дар Мозамбика ба дунё омада буд. Афзоиши ғайримуқаррарӣ дар Габриэл ҳанӯз аз овони тифлӣ оғоз меёбад. Дар синни 17-солагӣ ӯ бо сиркбозони португалӣ ҳамкориро оғоз намуд. Тибқи ченкунии расмӣ қади ӯ соли 1987 ба 2 метру 46 см расида, вазнаш ба 150 кг баробар буд. Соли 1990 Габриэл дар натиҷаи афтидан дар саҳни ҳавлии худаш ҷароҳат бардошта ба ҳалокат мерасад.

**Сулаймон Алӣ Нашнуш** соли 1943 ба дунё омада буд. Ӯ баскетболбоз ва ҳунарманди ливиягӣ ба шумор мерафт. Соли 1960 амалиёти ҷарроҳии афзоиши ғайримуқаррариро аз сар гузаронида аст. Баландии қади Сулаймон 2 метру 45 см ҳисоб меёфт. Сулаймон Алӣ Нашнуш соли 1991-ум дар синни 48 солагӣ аз дунё даргузашт.

# ҲАМДАРДӢ

**Раёсат, иттифоқи касаба, ҳайати кормандону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба декани факултети менеҷменти молиявӣ ва инвеститсионӣ Рабиева Таҳмина Муқимовна нисбати даргузашти**

**ПАДАРАШ**

**ҳамдардӣ баён карда, ба ӯ ва хешону наздиконаш аз Худованди мутаол сабри ҷамил хоҳонанд.**

* * *

**Раёсат, иттифоқи касаба, ҳайати кормандону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз марги профессори кафедари назарияи иқтисод**

**ВОҲИДОВ**

**ВАҲҲОБ ВОҲИДОВИЧ**

**сахт андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва хешу ақрабои марҳум ҳамдардӣ баён мекунанд.**

* * *

**Раёсат, иттифоқи касаба, ҳайати кормандону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба дотсенти кафедраи забони русӣ ва таҳсилоти касбӣ Умарова Баҳора нисбати вафоти**

**ПАДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, ба ӯ, аҳли оила ва хешу таборашон аз Худованди бузург сабри ҷамил хоҳонанд.**

Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

САРМУҲАРРИР:
Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

**Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.**

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1000 нусха.*